НИЗОРАМОҲ ЗАРИФОВА. 100 СОЛ БО 6 САРВАР с.3
МИЛИТСИЯИ ДУШАНБЕ. ДАСТОВАРДҲО ДАР РАҚАМ с.7
БИЛЕТИ ҲАРБӢ ЧАНД ПУЛ ШУД? с.11

ТОҶИКИСТОН
№45 (1556)
08.11.23
~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якдост! ~



АЗ $175,2 МЛН ТИҶОРАТ ТО БЕКОР ШУДАНИ ВИЗА

Натиҷаи сафари Президенти Эрон ба Тоҷикистон



ДАР ИН ШУМОРА:

“ТОҶИКСЕМЕНТ”
700 нафар соҳиби ҷойи кор мешаванд с.5

ЛИБОСИ МИЛЛӢ
Тарғиб ё таҳқир?! с.3

САЙЁҲИИ ЗИЁРАТӢ
Чаро мо ба Ӯзбекистон пайравӣ намекунем? с.6

“СУПЕРНИНДЗЯ”
Ҷавони тоҷике, ки Русияро қоил кард, кист? с. 8

ХАТАР БА ИҚТИСОД
Падидае, ки пешгирӣ мебояд с. 4

ҶИНОЯТ
Ҷоғи рэпсарои тоҷикро кӣ шикаст? с. 11

КАНЗИ ШИФО
5 ғалати маъмулӣ дар табобати сулфа с. 12

ВАРЗИШ
“Панҷшер” ва “Истаравшан” ба лигаи олӣ мебароянд с. 10

M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ



Моликияти МБИ “АҲРОРӢ”:

- Биноҳои 8 ва 9-ошёна, 10 блок;
- Дар ҳар як ошёна аз 1 то 6 квартира;
- Хонаҳои боҳашаммати иборат аз 63 м2 то 608 м2;
- Баландии шифти квартираҳо 4 метр;
- Фасадҳои нахи бетонӣ бо изолятсияи гармидиҳӣ;
- Амният ва назорати видеой бо назорати дастрасӣ;
- Лобби барои интизории меҳмонон;
- Ҳавлиҳои пӯшидаи муҳофизатшавандаи бидуни мошин;
- 2 ошёнаи таваққуфгоҳ;
- СПА;
- Маркази фитнес;
- Ҳавз;
- Мағозаҳо бо брендҳои ҷаҳонӣ;
- Фасади мағоза аз гранит;
- Лифтҳои алоҳида барои мағозаҳо;
- 80% майдони сабз;
- Имконият барои сайругашт дар наздикии боғи "Истиқлол";
- Масҷиди марказӣ;
- Аквапарки “Обшорон”.

Маҷмааи биноҳои истиқоматӣ, иборат аз блокҳои А Б В Г Д Е Ж З И К, бо ҷойгир кардани марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар ошёнаҳои якум ва таваққуфгоҳ, бунёди кӯдакистони хусусӣ барои 250 ҷой дар кӯчаи Ҳабиб Аҳрорӣ, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ: +992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

АЗ $175,2 МЛН ТИҶОРАТ ТО БЕКОР ШУДАНИ ВИЗА

Натиҷаи сафари Президенти Эрон ба Тоҷикистон

8-уми ноябр Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иброҳим Раисӣ бо сафари расмӣ вориди Тоҷикистон шуд. Ӯро дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Маҳмадтоир Зокирзода ва дигар шахсони расмӣ пешвоз гирифтанд.

Истиқболи расмӣ

Бино ба иттилои расмӣ, маросими истиқболи расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон дар майдони Қасри миллат баргузор гардид. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Исломии Эронро истиқбол гирифта, ба болои шоҳсуфаи фахрӣ даъват намуд. Маросими истиқбол бо гузориши командири қаровули фахрӣ, садо додани сурудҳои миллии ду давлат, гузаштани сарони давлатҳо аз назди сафи қаровули фахрӣ, арзи эҳтироми меҳмони олимақом ба Парчами давлатии Тоҷикистон, шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ду ҷониб ҷараён гирифта, бо қадамзании мутантан гузаштани ҷузъу томҳои қаровули фахрӣ аз назди сарони ду давлат анҷом ёфт.

$175,2 млн гардиши тиҷорат

Ҳоло Эрон барои Тоҷикистон яке аз кишварҳои шарики стратегӣ ба ҳисоб меравад. Махсусан, солҳои охир робитаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва амниятӣ вусъат ёфтаанд. Дар моҳҳои январ-сентябри соли равон гардиши савдои хориҷӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон 175,2 млн доллларро ташкил додааст. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 17,9 млн доллар ё 11,4 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар ин давра ба Ҷумҳурии Исломии Эрон ба маблағи 63 млн доллар молу маҳсулот содирот гардида, воридот ба 112,2 млн доллар баробар гардид.

Намояндаи 150 ширкат дар форум

Дар ҳошияи сафари Сайид Иброҳим Раисӣ дар Душанбе Форуми соҳибкорони Тоҷикистон ва Эрон баргузор гардид. Вохӯрии соҳибкорони Тоҷикистон ва Эрон дар шакли «Соҳибкор бо Соҳибкор» (B2B) сурат гирифта, аз ҳарду ҷониб намояндаи беш аз 150 ширкат ҳузур доштанд. Бино ба иттилои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон, роҳбарон ва масъулони вазорату идораҳо ва соҳибкорону сармоягузорон, намояндагони ширкату корхонаҳои соҳаҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидории Тоҷикистон ва Эрон дар соҳаҳои фарматсевтика, саноат, инфрасохтор, кишоварзӣ, энергетика, хизматрасонии молиявӣ ва сайёҳӣ, инчунин технологияҳои иттилоотӣ дар панелҳои алоҳида иштирок намуданд.

Раводид бекор шуд

Дар пайи сафари Иброҳим Раисӣ, санади рафтуомади бе раводид ё бе виза миёни Эрону Тоҷикистонро вазирони корҳои хориҷии ду кишвар имзо карданд.

Дар ин сафар инчунин ду ҷониб санаду ёддоштҳои тафоҳум дар бораи ҳамлу нақл, дар бораи минтақаи озоди иқтисодӣ ва дар бораи мубориза бо маводи мухадирро имзо карданд.

Аммо муҳимтарин масъала дар ин сафари Президенти Эрон ба Тоҷикистон бекор шудани низоми раводид миёни ду чумҳурӣ дониста мешавад. То кунун миёни Тоҷикистон ва Эрон низоми раводид вуҷуд дошт ва шаҳрвандони ду кишвар барои сафар ҳафтаҳо мунтазири дарёфти раводид мешуданд.

Қаблан фаъолони тоҷику эронӣ пешниҳод карда буданд, ки раводид миёни ду кишвар аз байн бурда шавад. Онҳо гуфта буданд, ки дар ин сурат ҳазорон эронӣ ҳамчун сайёҳ ба Тоҷикистон меоянд.





РАИСИ ИСФАРА БА НАДЕЖДА ХОНА ТУҲФА КАРД

Надежда Марникова ва ду фарзандаш чанд сол боз ҷои истиқомат надоштанд. Сардии ҳаво аҳволи зиндагиашонро бад кард. Аз ин лиҳоз, онҳо ба раиси шаҳри Исфара Баҳовиддин Баҳодурзода мурочиат карданд.

Шаҳрдори Исфара дар муддати кӯтоҳ мушкили Надежда Марникова ва фарзандонашро ҳал карда, ба онҳо аз шаҳраки Шӯроб хонаи истиқоматӣ бо ҳамаи ашёи лозимаи рӯзгорро тақдим намуд.

Зимни супоридани калиди хонаи истиқоматӣ раиси шаҳри Исфара Баҳовиддин Баҳодурзода изҳор дошт, ки ҳалли мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ, баррасии саривақтии мурочиати шаҳрвандон ва саҳмгирӣ дар беҳдошти рӯзгори онҳо аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара буда, минбаъд низ дастгирии ниёзмандон ва нафарони эҳтиёҷманд идома хоҳад ёфт.


САРИ САБЗ



Даниел РУСТАМОВ, овозхон ва блогери тоҷик

- Ақди никоҳи расмӣ бастан дар кишвари худамон каме душвор будааст ва наздикон тавсия доданд, ки дар Грузия ин корро зудтар ҳал кардан мумкин аст. Аз тарафи модарарӯсам пешниҳод шуд, ки ЗАГС-ро тариқи "онлайн" гузаронем.

- Хестед, ки хобед, ҷаноб! Чӣ, фикр кардед, ки дар Грузия хурӯс дигар хел ҷеҳ мезанад? Пас, барои чӣ ба он ҷо нарафтаву дар фикри "загси онлайнӣ" шудед?



Нурулло АБДУЛЛОЕВ, Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон

- Театр бе синамо ҳазорсолаҳо арзи вуҷуд дошт ва пайдоиши синамо ҳам дар оғоз ҳеҷ иртиботе ба театр надошт. Дар сатҳи ҷаҳонӣ ин ду соҳа он қадар тараққӣ кардаанд, ки метавонанд ҳар яке бо роҳи худ раванд.

- Пиндоратон андаке шубҳабарангез аст, устоди гиромӣ. Вагарна, вақте ҳар ду соҳа тараққӣ карда бошанд, чаро ҳангомаи "Ҳолливуд"-у "Болливуд" бештар аст?



Ҷумъахон ФАЙЗАЛИЗОДА, директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон

- Инсон ҳамеша дар талош аст, ки натиҷаи талошҳо ва амали анҷомдода ӯро ба мақсад расонад. Агар дар ин росто манфиати моддиву маънавӣ ба ҳам омезиш ёфта, донишу фаҳмиш ва ҷаҳонбинӣ васеъ гардад, магар ин сифати инсонӣ боиси маҳкум шудан аст?

- Чунон саволи мураккабу файласуфона додед, ки дар посух мушкилӣ мекашем, ҷаноб. Ҳамон манфиати моддиро овардаву инҷо қуш карданатон шарт буд-мӣ?

Низорамоҳ Зарифова, ходими давлативу сиёсӣ 100-сола шуд. Рӯзгори ӯ амсоли устура мебошад. Шоҳиди бевоситаи таърихи Тоҷикистон аст ва бо 6 сарвари давлат - Бобоҷон Ғафуров, Турсун Ӯлҷабоев, Ҷаббор Расулов, Раҳмон Набиев, Қаҳҳор Маҳкамов ва Эмомалӣ Раҳмон кор кардааст. Дар остонаи таҷлили умри якасра бо эшон суҳбате анҷом додем, ки фишурдаи он манзури шумо мешавад.



100 сол бо 6 сарвар

Суҳбат бо Низорамоҳ Зарифова

Ҳоло таслим нашудаам

- Дар ин шабу рӯзҳое, ки 100-сола шудед, чӣ эҳсос доред?

- Ин шабу рӯзҳо бисёр ба табрикам меоянд. Саргарми қабулу гусели меҳмонон ҳастам. Шукр, имрӯзҳо саломатиам бад нест. Ҳамин сол чанд маротиба бемор шудам. Дар шуъбаи бемориҳои дил хобидам, чанд рӯз фишори баланд азиятам дод. Вале ман ҳанӯз ҳам таслим нашудаам. Аз ҷавонӣ духтари боҷуръат будам, маро шерҷигар мегуфтанд. Бинобар ин, ба бемориҳо ҳоло ҳам тан надодаам.

- Дар ин марҳилаи умр аз чӣ меандешед?

- Ман солҳои охир аз умри гузаштаи хеш зиёд андеша мекунам. Ҳар як лаҳзаи умрамро ба ёд меорам ва кардаву нокардаҳоямро таҳлил мекунам. Одам агар калонсол шавад, бештар аз кӯдакиаш ёд мекардааст. Ман ҳам Кӯлоби 100 сол пешро ба ёд меорам. Зиндагии мардум бисёр вазнин буд. Гуруснагиву қашшоқӣ буд. Дар 5-солагӣ аз падар маҳрум шудам. Модарам хеле зиёд азият кашид. Аз кӯдакӣ ба кори саҳро баромадам. Бо калонсолон якҷоя дарав мекардам.

- Вале бо вуҷуди ин таҳсил кардед...

- Бале, чунки Ҳукумати Шӯравӣ шароит муҳайё кард. Ман дар мактабе таҳсил кардам, ки ягон шароит надошт. Вале Ҳукумати Шӯравӣ барои мо умед медод. Дар рӯйи замин дарс мехондем, поямон луч буд, либоси дуруст надоштем, вале ба оянда умед доштем. Ҳозир бисёриҳо ноумед ҳастанд. Ман мегӯям, ки чаро ноумед ҳастед, чаро аз зиндагӣ шикоят мекунед? Замона тинҷист, фақат талош бояд кард.

Душанбеи солҳои 30

- Дар тарҷумаи ҳоли шумо як духӯрагӣ ҳаст, ҷое омадааст, ки Омӯзишгоҳи педагогии Кӯлобро хатм кардаед, ҷойи дигар менависанд, ки дар Техникуми педагогии Душанбе таҳсил кардаед. Кадоме дуруст аст?

- Ҳам ину ҳам он. Модари ман баъд аз он, ки падарам фавтид, дубора оиладор шуд. Падарандарам Зариф ном дошт. Одами нағз, инқилобчӣ ва коммунист буд. Фамилияи ман аз номи ҳамон одам аст. Вақте ӯро раиси ҳукумати Кӯлоб таъйин карданд, мо аз деҳа ба шаҳр кӯчидем ва ба педучилиши Кӯлоб дохил шуда, ду-се моҳ таҳсил кардам. Баъдан, соли 1937 ба Душанбе омадам. Ин ҳам қиссаи ҷолиб аст. Он солҳо одат набуд, ки духтарон барои таҳсил аз як шаҳр ба шаҳри дигар раванд. Намояндаҳои ҳукумат омада ташвиқу тарғиб мекарданд. Намедонам, чӣ хеле дили модарамро ёфтанду ман ба Душанбе омадам.

- Душанбе он солҳо чӣ гуна буд?

- Душанбе табиист, ки обод набуд. Ду-се бинои дуошёна дошту халос. Кӯчаҳо лой буданд. Мо дар хобгоҳ хоб мекардем. Ҳамроҳи ман духтароне буданд, ки дар хонаи ятимон тарбия гирифта буданд. Он солҳо Кӯли комсомолро месохтанд. Дар кори он моро ҷалб карданд. Он ҷо ҳама ботлоқзор буд. Вақте бо трактор он ҷоро тоза мекарданд, ҳайвоноти ваҳшӣ, ба мисли гургу рӯбоҳу шағол баромада мегурехтанд. Дар ҳамин шароит мо кор мекардем. Хӯроки нағз ҳам намедоданд. Як истакон чойи ширину ду бурида нон хӯрокамон буд. Бегоҳ дар хобгоҳ ним коса хӯроки суюқ мехӯрдем.

Дидор бо Сталин

- Дар ҳамон солҳои 30-юм шумо ба дидори Сталин мушарраф шудед. Он дидор ба ёдатон ҳаст?

- Бале. Соли 1939-ум дар Маскав паради умумииттифоқии комсомолон мегузашт. Турсун Улҷабоевич он замон котиби Кумитаи марказии комсомол буд. Моро ба ин парад ҷалб карданд. Як моҳ дар Душанбе тамрин кардем. Баъдан, ду ҳафта дар Майдони Сурх, дар назди мавзолейи Ленин машқ кардем. Парад се байрақбардор дошт, яке аз Украина, ки қисми аврупоии Иттифоқи Советиро намояндагӣ мекард, дигаре аз Москва, яъне намояндаи марказ ва сеюм намоянда аз кишварҳои Осиёи Миёна ва Закавказия, ки ин масъулият ба дӯши Анзурат Раҳимоваи тоҷик гузошта шуд. Ӯ баъдан дар вазифаҳои баланд кор кард. Тоҷикистон дар ин парад ҷойи сеюмро гирифт. Ба ин муносибат аъзои Политбюро бо иштироки Иосиф Виссарионович Сталин шом зиёфат доданд. Аз меҳмонони тоҷик 30 нафарро даъват карданд, ки ин ба ин гурӯҳ ман ҳам шомил шудам. Он шом Сталин ба тоҷикдухтар Салтанат Назарова, ки дар хонаи ятимон ба воя расида буд, рӯймойли пашмин ва китоб ҳадя кард. Сталин дар охири зиёфат бо ман ҳам суҳбати кӯтоҳ кард. Аз куҷо буданамро пурсид...

Нигоҳ ба 5 роҳбари Тоҷикистон

- Чӣ шуд, ки шумо дигарбора ба Кӯлоб баргаштед?

- Соли дуюми таҳсил дар омӯзишгоҳ талаб карданд, ки барои хобгоҳ 40 сӯм пардохт кунем. Ман чунин имконро надоштам. Бинобар ин, ҳуҷҷатҳоямро гирифта, ба Кӯлоб баргаштам. Омӯзишгоҳро хатм кардам. Соли 1941 ҷанг сар шуд. Маро ҳамон сол корманди комсомол таъйин карданд. Баъд мудири шуъбаи мактабҳову пионерҳо ва духтарҳои кумитаи комсомоли вилоятӣ будам. Соли 1947 маро мудири кор бо занҳои вилоят таъйин карданд. Баъди ин, дар мактаби олии партиявӣ таҳсил карда, ба марказ омадам.

- Шумо қариб бо ҳама роҳбарони Тоҷикистон кор кардед. Киҳоро бештар дар ёд доред?

- Ман ҳамаро ба ёд дорам. Махсусан Бобоҷон Ғафуров, Турсун Улчабоев ва Ҷаббор Расуловро бештар ёд мекунам. Соли 1955 дар Душанбе сессияи Шӯрои Олӣ мегузашт.

Бобоҷон Ғафуров маро ба вазифаи мудири шуъбаи Партияи коммунистии Тоҷикистон пешбарӣ карданд. Бан ман як навъ муносибати хос доштанд. Ҳамеша машварат медоданд. Маро кадри худашон медонистанд. Пайваста таъкид мекарданд, ки бо мардум наздик бошам. То вопасин рӯзҳои умрашон дар иртибот будем.

Турсун Ӯлҷабоев кадрҳои минтақаи Кӯлобро зиёд дастгирӣ мекард. Бо шарофати эшон ба Душанбе омадам, дар Маскав таҳсил кардам. Ба ҳам эҳтиром доштем. Афсӯс, ки ба туҳмат гирифтор шуданд.

Ҷаббор Расулов ҳалолтарин одам буданд. Хеле хоксор буданд. Барои обрӯйи Тоҷикистон дар арсаи Иттифоқ зиёд кор карданд. Ёдашон ба хайр.

Раҳмон Набиевичу Қаҳҳор Маҳкамович ҳам одамони бад набуданд, вале дар лаҳзаҳои ҳассос иродаи сиёсӣ нишон дода натавонистанд.

Дар СММ

- Шумо дар даврони шӯравӣ бисёр машҳур будед. Ҳатто дар Созмони Милали Муттаҳид ҳам будед. Аз он рӯзгорон чиро ба ёд доред?

- Соли 1964 дар бо иштироки намояндагони 100 давлат Конгресси умумиҷаҳонии занҳо баргузор шуд. Ҳамон сол Валентина Терешкова - аввалин зани кайҳонаварди ба Кайҳон парвоз анҷом дода буд. Қабл аз Конгресс маро ба Политбюро ҷеғ зада, гуфтанд, ки аз номи занони СССР баромад мекунед.

(Давомаш дар саҳ. 13)

▸▸ *Мавқеъ*



Лолаи САИДАКБАР

ЛИБОСИ МИЛЛӢ

Таблиғ ё таҳқир?

Як моҳи охир дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва телевизион фақат таблиғи либоси миллӣ мерафт. Мақолаҳои баъзе хонумҳоро дар «Фейсбук» мехондаму ба сураташон нигариста, ҳайрон мешудам. Бо либоси аврупоӣ, лабу миҷғони сунъиву абрувони «чингизӣ» моро бовар мекунонданд, ки ба либоси миллӣ меҳр доранд...

Тоҷик аз азал ошиқи хуршеду моҳ ва зебоиҳои табиат буд, чун ба нақшҳои куртаҳои чакану сӯзанию бардевориҳо менигарем, дар онҳо табиат бо ҳама зебогиҳояш ба ҷилва омадааст ва нақши моҳу хуршеди нурафшон рамзи асосии гулдӯзиҳои тоҷикӣ аст.

Имрӯз ҷои атласи хушрангу гӯлдузиҳои зебо духтарони мо либосҳои сиёҳеро ба бар мекунанд, ки дар дигар манотиқи ҷаҳон рамзи мотам ҳастанд. Бовар кунед, тоҷик ҳатто дар рӯзи мотам ҳам либоси сиёҳ ба бар намекард! Дар куҳистони Тоҷикистон то ҳол мардум ба рамзи азодорӣ рӯймоли сафед ва куртаҳои оддии сабзу кабуд ба бар мекунанд, зеро сиёҳ рамзи бадӣ, ваҳшату ҷангу моҷаро аст. Имрӯз ҷавондухтарони аз сад гулашон як гулаш нашукуфта сар то ба по сияҳпӯшанд, ки ин хеле зишт ба назар мерасад. Ёд дорам, модаркалонҳои мо ба арӯсакони ҷавон пӯшидани либосҳои кабуду сабзи сияҳфомро низ иҷозат намедоданду онро хоси занони синну солашон рафта медонистанд. Аз ин рӯ, мо бояд одатҳои хуби бибикалонҳои хешро фаромӯш насозем. Имрӯз касоне ёфт мешаванд, ки худро тарроҳу мӯдшинос унвон карда, матоъҳои миллии моро таҳқир мекунанд. Чун мебинам, ки ҳунарманди ҷавоне бо куртаи остинкандаю «шорти»-и почакандаи атлас рӯйи саҳна мисли бузаки ҷингилапо аз ин тараф ба он тараф медавад, сахт малул мешавам, зеро ин на тарроҳӣ, балки таҳқири ин матои зебост. Ё аз ин бадтараш, болои бардевории чакан баромада, суруд мехонанд. Чакан ҳеҷ гоҳ зери по набуд, онро бо муҳаббату эҳтиром дар бари девор меовехтанд.

Кӯрпачаю болиштҳои гулдӯзӣ бошанд, нақшҳои ба худ хос доранд. Атлас зебандаи куртаи миллии тоҷикист ва танҳо дар ҳамин дӯхт ба ҳусни дилбарони тоҷик ҳусни дигар зам мекунад.

(Давомаш дар саҳ.6)



НИЁЗ ДОШТА БОШӢ, БИГИР, ТАВОНО БОШӢ, ГУЗОР!

“Ҷевони меҳрубонӣ”-и Исфара чӣ ҳадаф дорад?

Дар шаҳри Исфара бо мақсади дастгирии оилаҳои камбизоат “Ҷевони меҳрубонӣ” фаъол шуд, ки шиораш “Ниёз дошта бошӣ, бигир, тавоно бошӣ, гузор!” аст.

Ҳабибаллоҳ Исмоилов, журналисти муқими шаҳри Исфара 5-уми ноябри соли 2023 бо нашри як видео хабар дод, ки аз ҷониби созмони хайрияи “Ормони дилҳо” дар маркази шаҳри Исфара дар назди нуқтаи нонфурӯшии “Нони Зоирбой” ҷиҳати дастгирии оилаҳои камбизоат “Ҷевони меҳрубонӣ” гузошта шудааст, ки аз он ҳамарӯза нафарони ниёзманд метавонанд ба таври ройгон маводи озуқа дастрас намоянд.

“Ҳар нафари соҳибдилу хайрхоҳ метавонад дар доираи қудрат ва тавоноияш бидуни ҳеҷ як мушкилӣ ба дохили ҷевон маводи хӯрока гузорад ва тавассути ин ба ашхоси ниёзманд кумаки амалӣ расонад ва онҳое, ки эҳтиёҷ доранд, ба қадри эҳтиёҷашон ба таври ройгон мавод бигиранд”,- шарҳ медиҳад манбаъ.

Ҳабибаллоҳ Исмоилов афзуд, ки дар сурати ба таври қобили қабул истифода шудану пеш бурдани кори “Ҷевони меҳрубонӣ” ташкилкунандагони ин амали хайру савоб омодаанд боз дар 5 нуқтаи дигари нонфурӯшӣ дар ҳудуди шаҳри Исфара чунин “Ҷевонҳои меҳрубонӣ” бигузоранд.

Бисёриҳо дар зери ин хабар ба ташаббускорони ташкили “Ҷевони меҳрубонӣ” таҳсину офарин хондаанд ва гуфтаанд, мутаассифона, дар ҷомеаи имрӯза инсофу эҳсон ва иноятмеҳрубонӣ аз молҳои камчин шудааст. Ва он ҳам дар ҳоле, ки шумораи афроди ниёзманд ба хайру саховат дар ҷомеа торафт меафзояд.

Ф. БОБОЕВА

БА ТОШКАНД ЧАНД ПРЕЗИДЕНТ МЕРАВАД?

Дар нишасти 16-умини Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ, ки таҳти раисии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев баргузор мегардад, президентҳои 7 кишвар иштирок менамоянд.

Бино ба хабари интишорнамудаи хадамоти матбуоти президенти Ӯзбекистон, дар нишасти мазкур Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев, Президенти Эрон Иброҳим Раисӣ, Президенти Қирғизистон Содир Ҷабборов, Президенти Туркманистон Сардор Бердимуҳаммадов, Президенти Туркия Рачаб Тайиб Эрдуғон иштирок менамоянд. Ҳамчунин иштироки намояндаи Қазоқистон Алихон Самоилов, раиси ҳукумати муваққати Покистон Анвар ул Ҳақ Какар ва дабири кулли Созмони Ҳакмориҳои Иқтисодӣ Хусрав Назирӣ дар нишасти Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ дар назар дошта шудааст.

БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗ ДАР ХАТЛОН ЗИЁД ШУД

Бақияи қарзи андоз дар вилояти Хатлон наздик ба 172 миллион сомонӣ аст.

Қарз нисбат ба аввали сол беш аз 3 миллиону 700 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Аз шуъбаи баҳисобгирии даромадҳои Раёсати андоз дар вилояти Хатлон ба Pressa.tj гуфтанд, ки дар даҳ моҳи сол равон бақияи қарзи андоз каме зиёд шудааст.

Ба иттилои расида, ин қарз дар натиҷаи бурдани назорати иловагӣ аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст. «Шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Қубодиён, Ҷалолиддини Балхӣ, Панҷ, Данғара ва Темурмалик бақияи қарзи андозро зиёд карданд»,- иттилоъ дод манбаъ.

Бақияи қарзи андоз дар вилояти Хатлон дар аввали соли 2023-юм андаке бештар аз 168 миллиону 200 ҳазор сомонӣ буд. Вале бо гузашти даҳ моҳ он наздик ба 172 миллион сомонӣ расидааст.

ХАТАР БА ИҚТИСОД

Падидае, ки пешгирӣ мебояд

ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР КОРРУПСИЯ БАРОИ ҚАРИБ ҲАМАИ ДАВЛАТҲО ЯК МУШКИЛИ ҶИДДӢ ВА МУБРАМ БА ҲИСОБ МЕРАВАД. ДАР МУҚАДДИМАИ КОНВЕНСИЯИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ ВА ТАҲДИДҲОИ КОРРУПСИЯ БА СУБОТУ АМНИЯТИ ҶОМЕА, КИ ИНСТИТУТҲО ВА АРЗИШҲОИ ДЕМОКРАТӢ, АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ ВА АДОЛАТРО ХАЛАЛДОР МЕКУНАНД ВА БА РУШДИ УСТУВОР ВА ВОЛОИЯТИ ҚОНУН ЗАРАР МЕРАСОНАНД, ҚАЙД КАРДА МЕШАВАД ВА КОРРУПСИЯ ДИГАР МУШКИЛОТИ МАҲАЛЛӢ БА ҲИСОБ НАРАФТА, БАЛКИ БА ЯК ПАДИДАИ ФАРОМИЛЛӢ ТАБДИЛ ЁФТААСТ, КИ БА ҶОМЕА ВА ИҚТИСОДИ ТАМОМИ КИШВАРҲО ТАЪСИР МЕРАСОНАД.



Имрӯз мушкилоти коррупсия, рафъи зуҳуроти мухталифи он ва муқовимат ба паҳншавии он таҳия ва татбиқи амалии сиёсати самарабахши зиддикоррупсиониро барои тамоми кишварҳои олам тақозо менамояд.

Коррупсия як иллати ошкори тамоми низоми идоракунии иҷтимоӣ мебошад, ки ба ҳама давлатҳо хос аст ва дар ҳама давру замон вуҷуд дорад. Он танҳо ба низоми муносибатҳои ҷамъиятии дорои дараҷаҳои гуногуни фаъолият таъсир расонида, баъзан чунон мавқеъ пайдо мекунад, ки ба танзимгари ин муносибатҳо табдил ёфта, қонунро иваз менамояд ё дар баробари он амал намуда, пояҳои ҳокимияти давлатиро суст мекунад.

Чунин кирдорҳои коррупсионӣ соҳибони қудрати қонуниро водор месозанд, ки ба онҳо муқовимат нишон диҳанд.

Муборизаи бо ин шакли шадиди коррупсия ба самти муҳимтарини ташаккули рушди устувори низоми идоракунии иҷтимоӣ табдил меёбад.

Давлат ва ҷомеа ҳангоми рушд бо назардошти омилҳои зиёди дорои хусусияти объективӣ ва субъективӣ воситаҳои мубориза бо коррупсияро таҳия намуда, онҳоро дар сатҳҳои гуногуни ҳокимият - ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ мавриди санҷишу таҳлил қарор медиҳанд.

Бо ин мақсад бар зидди коррупсия чораҳои зарурӣ чӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва чӣ дар сатҳи миллии кишварҳо андешида шуда, доктринаи ягонаи ҳуқуқӣ дар ин раванд ташаккул дода шудааст.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» коррупсия кирдорест, ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайриморддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайриморддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабабҳои содиршавии кирдорҳои коррупсионӣ гуногунанд, аз ҷумла таҳаммулпазирии аҳолӣ ба зуҳуроти коррупсия, паст будани шуури ҳуқуқии шахрвандон, мавҷудияти интихоби усулҳои рафтори шахси мансабдор вақте ки ӯ метавонад масъалаи дар назди ӯ гузошташударо ҳам мусбат ва ҳам манфӣ ҳал намояд, аз ҷониби шахрванд надонистани ҳуқуқҳои худ, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаи роҳбариро дар ташкилоти тиҷоратӣ ё ташкилоти дигар иҷро менамояд.

Дар навбати худ намудҳои коррупсия низ гуногуншакланд вобаста ба субъекти он, бо сӯйистифода аз вазифаҳои хизматӣ ва ташаббускори муносибатҳо, ришвадиҳандаю ришвагиранда, миёнаравӣ, вобаста ба объекти он, фоида, бартарӣ ва имтиёзи ба даст овардашуда фаҳмида мешаванд.

Коррупсия як мушкилоти байналмилалӣ буда, он ба ҳамаи кишварҳо, сарфи назар аз сохти сиёсӣ ва сатҳи рушду нумуи сиёсӣ маҳсуб буда, танҳо аз ҷиҳати миқёсу андозаи худ фарқ мекунад.

Дар умум, оқибатҳои ногувори коррупсия дар он аст, ки принсипи волоияти қонунро поймол мекунад, ба рушди арзишҳои демократӣ ва волоияти қонун таҳдид мекунад, сулҳу суботро дар ҷомеа барҳам медиҳад, ҷалби сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳои хориҷиро коҳиш медиҳад ва ҳавасмандии сармоягузоронро ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти муайян аз байн мебарад.

Б. ЮСУПОВ,
ҳуқуқшиноси асосии Дастгоҳи Раиси Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

Бунёдкорӣ

ИФТИТОҲИ «ТОҶИКСЕМЕНТ»

700 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд





Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ Корхонаи истеҳсоли сементи Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Тоҷиксемент”-ро боз карданд.

Корхона дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе дар майдони 35 гектар ҷойгир шудааст.

Иқтидори истеҳсолии корхонаи сементи Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Тоҷиксемент” дар як шабонарӯз 3 ҳазору 300 ва дар як сол 1,2 млн тоннаро ташкил медиҳад.

Гуфта мешавад, ки дар корхона дар маҷмуъ беш аз 700 нафар мутахассисони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин шуда, маоши миёнаи коргарон 5100 сомонӣ ва мутахассисони техникию муҳандисӣ 7500 сомониро ташкил медиҳад.

Маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхона ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, сементи маркаҳои сулфат, 500 ва 400 истеҳсол карда мешаванд.

Дар “Тоҷиксемент” истеҳсоли сементи сулфат ба роҳ монда шудааст, ки барои чумҳурӣ маҳсулоти стратегӣ ба ҳисоб рафта, дар бунёди иншооти ҳаётан муҳим ва махсус, аз қабили нерӯгоҳҳо, нақбҳо, роҳу пулҳо ва дигар сохтмонҳо истифода карда мешавад.

Дар ҳоли ҳозир дар Тоҷикистон 15 корхонаи тавлиди семент, аз ҷумла 5 корхона дар вилояти Хатлон, 6 корхона дар вилояти Суғд, 3 адад дар манотиқи тобеи чумҳурӣ ва 1 корхона дар шаҳри Душанбе фаъолият мекунанд.

Нигаронӣ

НАЗОРАТ АЗ БОЛОИ РОНАНДАГОН ПУРЗӮР МЕШАВАД

Дар шаҳри Душанбе шикояти сокинони пойтахт аз рондани автобусҳои нақлиёти ҷамъиятӣ баррасӣ шуд. Дар ин бора аз шуъбаи иттилооти Муассисаи давлатии коммуналии "Нақлиёти Душанбе" хабар доданд.



Гуфта мешавад, ки дар мулоқоти гурӯҳи корӣ бо рондандагон шикояти мусофирон дар бораи риоя накардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ баррасӣ шудааст. Ҳамчунин, масъулин диққатро ба муошрати дағалонаи байни рондандагон ва аҳолии шаҳр ҷалб кардаанд.

Дар мулоқот ҳамчунин аз муваффақиятҳо дар рушди нақлиёти шаҳри Душанбе таъкид шудааст.

Қаблан хабар дода шуда буд, ки ширкати тоҷикии «Малика ТИБ» ва ширкати русии «Парус Электро» қасд доранд барои таъсиси марказҳои баркғирӣ дар Душанбе ҳамкорӣ кунанд. Ҳамин тариқ, нуқтаҳои пуркунии барқ барои автобусҳои электрикӣ ва соҳибони мошинҳои баркӣ пешбинӣ карда мешаванд.

Ёдовар мешавем, ки баҳори соли 2023 мақомоти Тоҷикистон дар бораи афзоиши мошинҳои баркӣ дар кишвар супориш дода буданд.

Ҳамин тариқ, дафтари матбуоти палатаи поёнии парлумон хабар дод, ки дар кишвар қонуне таҳия шудааст, ки воридоти мошинҳои баркӣ ба Тоҷикистонро аз пардохти андоз ва боҷи гумрукӣ озод мекунад.

Ахиран Рустами Эмомалӣ, раиси палатаи болоии парлумон бо ҳамтоёни чинӣ дар мавриди тавлиди муштараки мошинҳои баркӣ ба мувофиқа расида буд.

Дар шаҳри Душанбе ҳоло 432 ронандагони автобус, 132 троллейбус, 1557 микроавтобус ва 4350 таксӣ ба сокинон хизмат мерасонанд.

Ҳамкорӣ

БОНКИ ТАЪЛИМИИ «АМОНАТБОНК» ДАР ДМТ

Дар пояи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бонки таълимии «Амонатбонк» ифтитоҳ ёфт.

Ҳадаф аз ташкили бонки таълимӣ пайваст намудани назария бо амалия ва дар ин замина тақвият бахшидани савияи дониши донишҷӯён мебошад.

Бонки таълимӣ бо иштироки ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор Қобилҷон Хушвахтзода ва раиси Раёсати КВД БА ҶТ “Амонатбонк” Сироҷиддин Икромӣ ифтитоҳ гардид.

Бино ба иттилои раёсати ДМТ, дар ин марказ мутахассисони сатҳи баланд дар соҳаи бонкдорӣ ва молия таълим дода мешаванд, ки дар оянда барои беҳтар гардидани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзии дар кишвар амалкунанда хизмат хоҳанд кард.

Гуфта мешавад, ки раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамкориҳоро бо тамоми сохторҳо ва ташкилоту корхонаҳои давлативу ғайридавлатӣ ба хотири таъмин намудани сифати баланди таълим роҳандозӣ намудааст.



Дастовард

ДУШАНБЕ СОҲИБИ ШОҲҶОИЗА ШУД

3-юми ноябр бахшида ба 29-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе бо иштироки намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе даври ҷамъбастии Озмуни ҷумҳуриявии беҳтарин шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, деҳа, маҳали аҳолинишин ва хонаи истиқоматӣ ҷамъбаст гардид.

Тибқи баҳогузории Комиссия Шоҳҷоизаи озмун дар бахши «Шаҳри беҳтарин» насиби шаҳри Душанбе гардид.

Озмун бо мақсади таъмини иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тарбияи ҳисси зебоипарастӣ, ватандӯстӣ, ободкорӣ, эҳтиром ва арзишҳои миллӣ доир гардида, ғолибон бо мукофотҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе қадрдонӣ гардиданд.

Бояд гуфт, ки дар ҷамъбасти озмун беҳтаринҳо муайян гардиданд. Аз ҷумла, дар бахши «Ноҳияи беҳтарин» ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт сазовори ҷои аввал, ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон сазовори ҷои дуюм ва ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сазовори ҷои сеюм шуданд.

Як факт

45 КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ҚАННОДӢ

Айни замон дар шаҳри Душанбе 45 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ фаъолият менамояд.

Дар 9 моҳи соли 2023 дар шаҳри Душанбе 12,6 ҳазор тонна маҳсулоти қаннодӣ истеҳсол шудааст, ки 68,6%-и маҳсулоти қаннодии чумҳуриро ташкил медиҳад. То таҷлили ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон қарор аст, ки чанд корхонаи дигари истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ ифтитоҳ гардад.



Бонкдорӣ



ОМОДАГӢ ҶИДДИВУ ЗАХИРА КОФИСТ

Агар бо мусоид гардидани обу ҳаво дар фаъолияти IRS таъмиру тачдиди роҳ мақоми меҳварӣ касб кунад, дар мавсими сармо таваҷҷуҳи масъулин ба рафъи пайомади тармафароӣ, мунтазам тоза намудани роҳ аз барф ва коркарди он бо маводи зиддилағжиш равона мешавад. Далелу рақамҳо гувоҳи онанд, ки имсол низ мавсими таъмиру тачдиди роҳ бо нишондиҳандаҳои арзанда ва барзиёд ҷамъбаст гардид.

Ҳоло кормандони IRS ба мавсими зимистон омодагии ҷиддӣ дида, дар ин раванд ҳолати техникаву механизм ва захираи маводи зиддилағжишу сӯзишворӣ мадди назар аст. Илова бар ин, кормандон бо сарулибоси зимистона таъмин шуда, барои фаъолияти муназзами онҳо дар ҳаҷми зарурӣ ангишт ва ҳезум дастрас шудааст.

Масъулини IRS хуб дарк кардаанд, ки айёми қаҳратуни сол марҳилаи ҳассос буда, дар сурати сари вақт омодагӣ надидан ба раванди фаъолият монеа хоҳад гашт. Бо ин мақсад Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024” ба тасвиб расида, ҳадафи асосии ҳуҷҷати мазкур омода намудани тамоми соҳаҳо ва шаҳрвандон ба мавсими зимистон маҳсуб меёбад.

Бино ба гуфти масъулин, барои фаъолияти муназзаму пурмаҳсул дар фасли зимистон дар намояндагиҳои филиали Ширкат 437413 литр сӯзишвории дизелӣ, 19800 тонна маводи зиддилағзиш захира шуда, ин раванд идома дорад.

Илова бар ин, 455 чархи резинии зимистонаи мошин ва механизмҳои нигоҳдории роҳ дастрас ва насб гардида, зарфҳои захираи сӯзишворӣ, ки имкони нигоҳдории 535000 литр чунин маводро доранд, барқарор карда шуданд. Муҳимтар аз ҳама, техникаву механизми филиали Ширкат, ки теъдодашон 218 адад аст, ба мавсими зикршуда пурра омодаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки нишондиҳандаҳои мазкур дар муқоиса ба солҳои қаблӣ тамоюли афзоишро касб намуда, ин ҷанба имкон фароҳам меорад, ки рисолати филиали Ширкат - нигоҳдории роҳ дар сатҳи хуб ва сифати баланд амалӣ гардад.









Ба таваҷҷуҳи раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ Камолиддин Муминзод

САЙЁҲИИ ЗИЁРАТӢ

Чаро ба Ӯзбекистон пайравӣ намекунем?

Мо солҳои сол дар бораи рушди сайёҳӣ мегӯему мегӯем, аммо дар муқоиса ба Ӯзбекистони ҳамсоя қафо мондаем. Махсусан дар сайёҳии зиёратӣ.

Тамоми мусалмонони олам ба Бухорову Самарқанд барои зиёрат мераванд. Барномаҳое ҳастанд, ки ҳамаи сайёҳонро барои зиёрати Хоҷаи ҷаҳон - Асосгузори тариқати Нақшбандия - Хоҷа Абдулхолиқи Ғиждувонӣ ва Хоҷа Баҳовадини Нақшбанд ва ба зиёрати дигар пирони комили тариқати хоҷагон мебаранду соатҳои дароз дар бораашон нақл мекунанд. Ё тамоми дунё ба зиёрати Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба Туркия мераванд.

Мо низ дар Тоҷикистон метавонем ба сайёҳон Оромгоҳи шайхони бузурги аҳли тариқат - Мавлоно Яъқуби Чархӣ, Хоҷаи Найсувор, Хоҷаи Моҳрӯ, Хоҷа Низомиддини Воқиф, Ҳазрати Шайх Муслиҳиддин, Ҳазрати Бобокамоли Хуҷандӣ, Хоҷа Сармасти Валиро нишон диҳем. Вале дар ин самт касе кор намекунад. Ҳол он ки, сайёҳии зиёратӣ дар ҷаҳон маъмул ва сердаромад аст.

Аз Кумитаи сайёҳии Тоҷикистон мехоҳам, ки дар ин самт кор кунанд.

Т. ИСМОИЛ,
сокини вилояти Хатлон


Мавқеъ

ЛИБОСИ МИЛЛӢ

(Аввалаш дар саҳ.3)

Байни тарроҳон озмунҳои зиёде гузаронида мешаванд ва дар аксар ҳолатҳо ба ин гуна озмунҳо либосҳое пешниҳод мешаванд, ки бӯи миллияту тоҷикият надоранд, аммо боз онҳо сазовори ҷоиза ҳам мешаванд. Гумон мекунам, ки занони ҳунарманд дар минтақаҳои гуногуни кишвар хеле зиёданд, вале онҳо имкони пешниҳоди либосҳои офаридаи худро надоранд. Аз ин рӯ, масъулини шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ба ин гуна соҳибҳунарон ёрии худро дареғ надошта, намоиши либосҳои дӯхтаи эшонро ташкил кунанд. Ин ҳам кумак ба як ҳунарманд мешаваду ҳам ҷонибдорӣ аз сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати кишвар, ки ташкили корхонаҳои хурдро як омили аз байн бурдани бекорӣ дар байни бонувони кишвар арзёбӣ кардааст. Агар мо инқадар мехоҳем, ки занон ба либоси миллӣ майл кунанд, чаро байни муаллимон либоси ягонаи корӣ муайян кардем? Хеле хуб мешуд, ки ба муаллимон иҷозат дода шавад, то либоси миллӣ ба бар кунанд. Чаро? Чунки маҳз онҳо метавонанд барои шогирдон намунаи ибрат бошанд.

Ҳама чиз дар бораи IT



Муаллифи гӯша:
Максим ШУМСКИХ,
Директори генералии ширкати байналмилалии IT «Матадор»
Аз ҳама ҷолиб дар Telegram:
t.me/matador_it

ОЁ БИДУНИ ИНТЕРНЕТ ТИҶОРАТ ИМКОНПАЗИР АСТ?



Дар ҷаҳони рақамии имрӯза интернет барои рушд ва муваффақияти бисёре аз ширкатҳо нақши калидӣ дорад. Он як воситаи тавонои муошират, маркетинг, фурӯш ва тавсеаи бозор шудааст. Аммо, корхонаҳое низ ҳастанд, ки бидуни истифодаи мустақими интернет бо муваффақият фаъолият мекунанд.

Зиндагӣ то…

Дар гузашта, вақте ки интернет ҳанӯз ба таври васеъ дастрас набуд, тиҷоратҳо бо истифода аз дигар каналҳои иртиботӣ ва фурӯш вучуд доштанд ва рушд мекарданд. Усулҳои анъанавӣ вохӯриҳои шахсӣ, суҳбатҳои телефонӣ, почта (на почтаи электронӣ), таблиғоти рӯзнома ва тавсияҳои шифоҳиро дар бар мегирифтанд. Ширкатҳо барои ҷалб намудану нигоҳ доштани муштариён аз шабакаҳои алоқа ва маводи чопӣ фаъолона истифода мекарданд. Омилҳои асосии муваффақият сифати маҳсулот, муносибати инфиродӣ ба мизоҷон ва муносибатҳои дарозмуддат буданд.

УФУҚҲОИ НАВ

Баъдан, пайдоиши интернет пешрафте барои тиҷорат гардид. Ин ба ширкатҳо имкон дод, ки доираи аудиторияи худро васеъ созанд, хидматрасонии муштариёнро беҳтар кунанд ва маркетингу фурӯшро самаранок гузаронанд. Ширкатҳо сомонаҳо, мағозаҳои онлайнии худро кушоданд, маъракаҳои таблиғотии онлайниро фаъол карданд ва шабакаҳои ичтимоиро барои ҷалби таваҷҷуҳ ва эҷоди садоқати муштариён истифода бурданд.

Интернет инчунин имкониятҳои нави тиҷоратиро кушод. Он ба пайдоиши бозорҳо ва ширкатҳои нав, ки ба он нигаронида шудаанд, оварда расонид. Тиҷорати электронӣ густариш ёфт, ки ба тиҷорат имкон медиҳад, то мол ва хидматҳои худро ба таври онлайнӣ фурӯшанд. Интернет платформаҳо ва бозорҳоеро ташкил дод, ки асоси рушди соҳаҳо, аз қабили сайёҳӣ, молия, фароғат, маориф ва ғайра гардиданд.

ЧАРО ЧИЗЕРО БОЯД ТАҒЙИР ДОД?

Аммо, сарфи назар аз ҳама бартариҳо, баъзе корхонаҳо то ҳол бидуни истифодаи мустақими интернет бо муваффақият фаъолият мекунанд. Ин метавонад ба хусусиятҳои соҳа ё хусусиятҳои бозорҳои минтақавӣ вобаста бошад. Масалан, баъзе соҳаҳои хидматрасонӣ, аз қабили тарабхонаҳо, сартарошхонаҳо, санаторияҳо ё ширкатҳои сохтмонӣ метавонанд муштариёни маҳаллиро ҳадаф қарор диҳанд ва ба тавсияҳои шифоҳӣ, таблиғ ва тамоси мустақим такя кунанд. Ин нишон медиҳад, ки таҳлили дурусти бозор ва интихоби каналҳои оптималии иртибот бо муштариён барои тиҷорати муваффақ муҳим аст.

ОНҲО ХОҲУ НОХОҲ ПИРӮЗ МЕШАВАНД

Бо вучуди ин, дар ҷаҳони муосир тасаввур кардан душвор аст, ки тиҷорат интернетро комилан нодида мегирад. Ин як воситаи пурқувват барои маркетинг, паҳнкунӣ, иртибот ва фурӯш аст. Татбиқи стратегияҳои онлайн метавонад як қадами муҳим барои рушди ширкат бошад, ҳатто агар он ба бозори маҳаллӣ нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, интернет як ҷузъи ҷудонашавандаи тиҷорати муосир гашта, ба бозорҳо ва ширкатҳо таъсири калон расонд. Он барои тавсеаи тиҷорат, рақобатпазирӣ ва беҳбуди ҷалби муштариён имкониятҳои нав фароҳам овард. Аммо ба ин нигоҳ накарда, корхонаҳое ҳастанд, ки то ҳол бидуни истифода аз интернет, дар асоси усулҳои анъанавии муошират ва фурӯш бо муваффақият фаъолият мекунанд. Аммо, аз нуқтаи назари амалиётӣ, барои бисёре аз ширкатҳо дар ҷаҳони муосир интернет як ҷузъи ҷудонашаванда ва зарурӣ шудааст, ки бидуни он зинда мондан ва рушд кардан мушкил ё ғайриимкон мегардад.

Агар ягон суолатон бокӣ монда бошад, метавонед шахсан ба ман тавассути телеграмм нависед: @gkmatador



МИЛИТСИЯИ ДУШАНБЕ

Коҳиши ҷиноятқорӣ, таъмини субот, дастовардҳо дар рақам

«Шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти давлати тоҷикон бояд симои хоси худро пайдо кунад. Он ба маркази муттаҳидсозандаи неруҳои ақлонию зеҳнии кишвар, маркази тақассуми фарҳангу таърих, анъанот, одобу аҳлоқ ва дигар муқаддасоти миллӣ табдил дода шавад».

Эмомалӣ РАҲМОН



Шаҳри орзуҳо

Шаҳри Душанбе зери роҳбарии шаҳриёри ҷавону кордон Рустами Эмомалӣ тӯли чанд соли охир дар самти созандагиву пешрафт роҳи садсолаеро тай намуд. Бунёди корхонаҳои хурду бузурги саноативу истеҳсолӣ, маҷмааҳои фарҳангиву маишӣ, қасру толорҳои бошукуҳ, мактабу донишгоҳҳои ба талаботи замона ҷавобгӯ, майдончаҳои варзишӣ, биноҳои хуштарҳу назарраболи истиқоматӣ, гулгашту хиёбонҳои фараҳафзо, боғҳои фарҳангиву фароғатӣ ва зиндагии шоистаи сокинони ин шаҳри маҳбуб далели равшани гуфтаҳои болост.

Ҳар иқдом ва ташаббуси пешгирифтаи раиси шаҳр муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати ба “Шаҳри орзуҳо” табдил додани Душанбе ҷаҳиши бузургест, ки бо амалӣ гардидани онҳо ҳам рӯзгори сокинон хубтару беҳтар мегардад ва ҳам тамаддуни шаҳрсозии мо имрӯзиён барои наслҳои фардо боиси ифтихор ва сарафрозӣ хоҳад буд.

Таъминоти моддӣ-техникии мақомоти милитсия

Дар шароити пешрафти босуръати ҷомеаи зудтағйирёбанда, раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди манфиатҳои милливу умумибашарӣ, пайдоиши зуҳуроту омилҳои муосири ҷинояткорӣ, коста гардидани ахлоқ, гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои тундгаро таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои роҳбарияти олии кишвар ба фаъолияти бонизому самараноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дучанд гардидааст.

Қобили зикр аст, ки дар таҳкими сулҳ ва устувории поягоҳои давлатдорӣ, ҳифзи тартиботу оромии ҷомеа кормандони мақомоти корҳои дохилӣ низ нақши арзанда дошта, ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ аз худ намунаи баланди ҷасорату мардонагӣ нишон дода, ҳамқадам, муҳофизу мубориз ва сипари боэътимоди Истиқлол ва халқи кишвар будани худро исбот намуданд.

Бо мақсади дар сатҳи баланди касбӣ иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар таъминоти моддиву техникӣ ва иншооту утоқҳои мусоиди корӣ барои кормандони Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе ва ҷузъу томҳои он мунтазам таъмин карда мешавад. Ҳамаи ин беҳсозии шароити хизмат ба пешрафти кори милитсияи пойтахт мусоидат намудааст.

Таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба милитсия

Баҳри баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиву маданияти шаҳрдорӣ, пешгирии амалу кирдорҳои зидди ҷамъиятиву ба ҷомеа хавфнок, ошкору дастгир намудани нафарони ҷиноятпеша, таъмини тартиботу осоиштаҳолии шаҳрвандон кормандони мақомоти милитсияи пойтахт аз худ матонату ҷасурӣ ва иҷрои сатҳи баланди уҳдадориҳои хизматиро нишон дода, пеши роҳи ҳамагуна амалу кирдори халалдоркунандаи тартиботро мегиранд. Метавон гуфт, ки давоми солҳои охир дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани фаъолияти оперативӣ-хизматӣ мақомоти корҳои дохилии шаҳри Душанбе дар ҳамаи самтҳо ба натиҷаҳои баланди хизматӣ ноил гардидаанд.

Махсусан ҳамкории зичи милитсия бо ҷомеа, баррасии арзу шикоят ва мурочиатҳои шаҳрвандон, нашри хабару мақола аз фаъолияти ҳамарӯзаи милитсия дар сомонаи расмӣ ва нишон додани вокунишҳои саривақтӣ аз иқдомҳои пешгирифтаи роҳбарияти Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе мебошад, ки боиси пешгириву ошкорнамоии ҷиноятҳои гуногун гардида, ҳамзамон обрӯ ва нуфузи мақомоти милитсия дар ҷомеа баланд гардидааст. Ин аст, ки дар натиҷаи назарсанҷиҳои созмони ҷаҳонии «Геллуп» Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни кишварҳои ҷаҳон аз лиҳози амният субот ва боварию эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мақоми аввалро ишғол намуд. Мавриди зикр аст, ки қабули Барномаву Стратегияҳои давлатии ислоҳоти милитсия, ки дар ҳоли амалишавӣ қарор доранд, маҳз бо ҳамин мақсад равона карда шудаанд.

Дар натиҷаи амалисозии иқдомҳои зикргардида заминаи мусоид барои қабули мурочиати шаҳрвандон аз ҷониби милитсияи пойтахт фароҳам гардидааст. Ҳамарӯза шаҳрвандони зиёде бо мушоҳидаи амалу кирдорҳои номатлуб худро бетараф нагирифта, кирдорҳои зиддиҳуқуқиро тавассути телефони мобилӣ ба навор ва ё расм гирифта, ҷиҳати баррасиву бартарафсозии он тавассути сурогаҳои электронӣ ва сомонаҳои иҷтимоии интернетӣ ба мақомоти милитсияи шаҳри Душанбе ирсол менамоянд. Баррасии ҳамаи мурочиатҳои шаҳрвандон бевосита зери назорати роҳбарияти мақомоти милитсияи шаҳри Душанбе қарор дорад.

Ошкорсозӣ ва пешгирии амалу кирдорҳои ҷиноятӣ

Маҳз фароҳам гаштани шароити хубӣ корӣ ва иҷрои сатҳи баланди уҳдадориҳои хизматӣ боис гардид, ки давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар самти бақайдгирии ҷиноятҳо натиҷаҳои мақомоти корҳои дохилии пойтахт бехтар гардида, фоизи кушодашавии ҷиноятҳо сол ба сол сатҳи болоравӣ дорад. Таъмини ошкорсозии ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнини изтиробангези таъсири васеъи ҷамъиятидошта, кушторҳои бераҳмона, роҳзаниву ғоратгарӣ, бездошти ашхоси нашъаҷаллоб ва даҳҳо намуди дигар ҷиноятҳо, ки милитсияи пойтахт ошкор намудааст, пеш аз ҳама бозгӯи маҳорату истеъдоди касбӣ ва тарзи дурусти коргузориро дар ин ниҳод нишон медиҳад.

Давоми солҳои охир бо ҷасорати кормандони бахшҳои оперативии милитсияи пойтахт аъмоли зишт ва мақсадҳои ғаразноки якчанд гурӯҳҳои ҷиноятии нашъаҷаллоби трансмиллӣ ошкор ва гумонбарони он дастгир карда шудаанд. Аз ҷумла давоми солҳои ҷорӣ аз ҷониби кормандони Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе ва Шуъбаҳои корҳои дохилӣ дар пойтахт дар умум 338 килограмм воситаҳои гуногуни нашъадор аз хатари паҳншавӣ пешгирӣ карда шуд.

Дар озодӣ мондани афроди ҷинояткор ба суботи ҷомеа хавфи бештар дошта, бо мақсади муайян ва дастгир намудани шахсони дар ҷустуҷӯ буда аз ҷониби ҳамаи сохторҳои мақомоти милитсия фаъолияти шабонарӯзӣ ба роҳ монда мешавад. Соли равон аз ҷониби кормандони милитсияи шаҳри Душанбе 542 нафар ҷиноятқорони дар ҷустуҷӯ буда дастгир карда шудаанд, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса бо соли гузашта зиёд буда, дар сатҳи ҷумҳурӣ низ назаррас арзёбӣ мегардад.

Пешгирии ҷиноятқорӣ миёни ноболиғону ҷавонон

Самти дигари фаъолияти милитсияи пойтахт, ки ба он диққати аввалиндараҷа зоҳир мегардад, ин пешгирию ошкорнамоии кирдорҳои номатлуб миёни ҷавонону ноболиғон ба шумор меравад.

(Давомаш дар саҳ.8)

МИЛИТСИЯИ ДУШАБЕ

(Аввалаш дар саҳ.7)

Соли ҷорӣ бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ва таъмини иҷроиши Қонуни ҶТ “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” аз ҷониби Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе маҳфили «Маърифати ватандӯстӣ» ташкил карда шуд. Дар ин замина аз ҷониби роҳбарият ва ҳайати шахсии мақомоти милитсияи шаҳри Душанбе ҷиҳати баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстӣ, пос доштани арзишҳои миллию фарҳангӣ ва дар ин замина пешгирии ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғону ҷавонон, бахусус муноқишаҳои гурӯҳии хонандагон воҳурӣ ва мулоқотҳои судманд дар макотиби олию миёнаи ҳудуди пойтахт ба роҳ монда шуд.

Чуноне таҳлилҳо нишон медиҳанд, ин ҳама чораандешиҳо ва баргузории рейду амалиётҳо боиси коҳиш ёфтани амалу кирдорҳои ҷиноятӣ аз ҷониби ноболиғону ҷавонон, махсусан хонандагон дар ҳудуди муассисаи таълимӣ гашта, ҳамзамон боиси баланд гардидани масъулияти волидайн нисбати таълиму тарбияи фарзандон гардид. Аз ҷумла, давоми соли ҷорӣ содиршавии ҷиноят аз ҷониби ҷавонон 21,4% коҳиш ёфтааст.

Роҳу нақлиёт

Кормандони Шуъбаи бозрасии давлатии автомобилии шаҳри Душанбе бо мақсади пешгирии содиршавии садамаҳои маргбор, қоидавайронкуниҳои дағали ҳаракат дар роҳ, нодида гирифтани аломатҳои танзимкунанда, ба вуҷуд овардани тамбашавии сунъии воситаҳои нақлиёт ва дигар қоидавайронкуниҳо, ки ҳамаи ин боиси халалдор шудани ҳаракати бехатари шаҳрвандон мегардад, дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ як қатор чорабиниҳои мақсаднокро амалӣ намудаанд.

Солҳои охир шаҳрвандон низ аз худ масъулияти баланди шаҳрвандӣ нишон дода, саҳми худро дар таъмини риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ гузошта истодаанд. Ҳангоми мушоҳида намудани қоидавайронкуниҳо онро ба навор ва расм гирифта, ҷиҳати чораандешӣ ба мақомоти милитсия ирсол мекунанд. Ин натиҷаи ба роҳ мондани ҳамкории зич бо аҳолӣ мебошад.

Нозири минтақавӣ - симои милитсия

Дар баробари дигар бахшҳои хизматии мақомоти корҳои дохилии пойтахт, саҳми нозирони минтақавии милитсияи шаҳри Душанбе низ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ арзишманд арзёбӣ мегардад. Солҳои охир бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ин бахши милитсияи пойтахт бо тамоми шароити лозимӣ таъмин гардида истодааст.

Нозирони минтақавии милитсияи пойтахт пайваста бо аҳолӣ дар алоқаи зич қарор дошта, бо шаҳрвандон ва сокинони маҳаллаҳо мулоқот мекунанд ва аз натиҷаи фаъолияти худ ба шаҳрвандон ҳисобот медиҳанд. Ин пеш аз ҳама ба амалишавии Стратегия ва Барномаҳои ислоҳоти милитсия ва наздик шудани робитаи милитсия бо ҷомеа равона карда шудааст.

Ин аст, ки давоми соли ҷорӣ аз ҷониби нозирони минтақавӣ 518 ҷиноятҳои гуногун ошкор ва гумонбарони онҳо дастгир карда шуда, дар доираи талаботи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ ҷалб гардидаанд.

Нақш ва мақоми кормандзанони милитсия

Ба фаъолияти занон дар мақомоти милитсияи пойтахт аҳамияти ҷиддӣ дода шуда, имрӯзҳо дар самтҳои гуногун ва дар вазифаҳои пурмасъулият кору фаъолият намуда истодаанд. Кормандзанони мақомоти милитсияи шаҳри Душанбе дар баробари мардон дар таҳкими суботу осоиштаҳолӣ ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон саҳми арзишманди худро мегузоранд. Онҳо бо назардошти ҳама душвориҳои касби милитсия устуворонаву ҷасурона дар пайи иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ камари ҳиммат бастаанд.

Ҷиҳати таъминоти моддӣ, баррасии мушкилоти фаъолияти корӣ, баланд бардоштани тахассуснокӣ ва самаранокии фаъолияти занон дар мақомоти милитсия Шӯрои занон таъсис дода шудааст, ки бо мақсади баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа фаъолияти худро ба роҳ мондаанд. Кормандзанони пуртаҷрибаи милитсия дар бештари маврид баҳсу нофаҳмиҳои гуногуни оилавии шаҳрвандонро мавриди баррасӣ қарор дода, миёни оилаҳо созишро ба вуҷуд меоваранд. Бо ин пеши роҳи сар задани ҳодисаҳои нохуш ва азҳампошии оилаҳоро гирифта, дар бунёди ҷомеаи солим, ки бевосита аз оилаи солим сарчашма мегирад, саҳми худро мегузоранд.

Аз ҷумла, кормандзани милитсияи пойтахт, лейтенанти калони милитсия Миҷгона Самадова дар риштаи варзиши навъи бокс дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ширкат намуда, обрӯ ва нуфузи Тоҷикистонро дар арсаи олам баланд мебардорад, ки ин ҳам ифтихори милитсияи пойтахт аст. Бо назардошти ин аз ҷониби раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Миҷгона Самадова, ки ахиран дар Бозиҳои Осиёӣ дар риштаи бокс сазовори мақоми сеюм ва медали биринҷӣ гардид, калиди хонаи якҳуҷрадор дар пойтахт тақдим карда шуд.

Имрӯзҳо ба зиммаи мақомоти корҳои дохилӣ доираи васеи вазифаҳо: таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҷомеа, оромию суботи кишвар, таҳкими волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, моликияти давлат ва шаҳрвандон, мубориза бо ҷиноятҳорӣ ва пешгирии он, тафтиш ва таҳқиқи ҷиноят ва кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, назорати низоми шиносномавӣ ва бақайдгирии шаҳрвандон, таъмини қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва дигар уҳдадориҳои хизматӣ вогузор гардидааст. Бо боварии комил гуфтан метавон, ки имрӯзҳо албатта ин мақомоти бонуфузи кишвар аз уҳдаи иҷрои рисолати пурифтихори бардӯшдоштааш бошарафона баромада истода, барои садоқат ба Савганд, Пешвои миллат, Ватан ва ҳимояи мардуми кишвар, аз корманди қаторӣ то афсари баландрутбаи милитсияи пойтахт мардонавор камари ҳиммат бастаанд.

Ҷидду ҷаҳд ва саъю кӯшиши ҳар як корманди мақомоти милитсияи пойтахт ба он равона гардидааст, ки ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти шаҳрвандон дар сатҳи баланд таъмин гардида, суботу оромӣ дар кишвар, махсусан шаҳри Душанбе пойдор ва кафили пешравӣ ва рушду инкишофи Ватани азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлол гардад.

Б. П. ҲАМИДЗОДА,
сардори Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе, генерал-майори милитсия







«СУПЕРНИНДЗЯ»-И ТОҶИК КИСТ?

Рӯзи 6-уми ноябр дар баробари таҷлили Рӯзи Конститутсия корбарони сегменти тоҷикии шабакаҳои иҷтимоӣ шодии дигар низ доштанд. Ин ҳам бошад, ба марҳилаи ниҳоии озмуни “Суперниндзя” роҳ ёфтани ҷавони тоҷик Алишер Назаров буд, ки ӯро мухлисонаш “Одами оҳанин” ном гузоштанд.



Кӯдакии пуразоб

Алишер Назаров 26-сол дошта, зодаи шаҳри Ваҳдат аст. Феълан устои мошин (автомеханик) буда, дар Қазоқистон кор мекунад. Ӯ мегӯяд, ки дар як оилаи серфарзанд ба воя расида, дар даврони кӯдакиаш зиндагии сахтро пушти сар кардааст. “Гоҳо ҳатто азоби гуруснагиро ҳам кашидаам”,- гуфт номбурда зимни сухбат.

Алишер барвақт ба Русия муҳоҷир мешавад. Дар донишгоҳи Маскав риштаи муҳандиси соҳаи кимиёро хатм мекунад, вале барои худ кор пайдо намекунад. “Надоштани шаҳрвандии Русия ба банда имкон надод, ки соҳиби кори мувофиқ шавам”,- мегӯяд ӯ.

Ҳоло вай дар Қазоқистон устои мошину кондитсионер аст. Феълан, диагностикаи мошинҳои баркиро омӯхта истодааст, чунки талабот ба мошинҳои баркӣ дар бозор торафт меафзояд.

Алишер дар соатҳои форағ аз кор ба варзиш рӯ меорад. Мегӯяд, ки маҳз варзиш таскинбахши азобҳои руҳиаш шуд. Алишер мегӯяд, ки дар сурати ғолибият бо маблағе, ки ба даст меорад, барои падару модараш дар Тоҷикистон хона месозад.

“Одами оҳанин”

Сабқати “Суперниндзя” дар шабакаи телевизионии “СТС” яке аз барномаҳои машҳур аст. Дар он довталабон бояд бо истифода аз ҳунари гимнастикиву акробатӣ аз монеаҳои душвор гузашта, дар анҷом ҳалқаро ҳам бо худ бигиранд. Теъдоди ҳалқаҳо дар як давр 5-то аст. Дар сурати аз монеаҳо гузашта навтавонистан варзишгарон ба об сарозер мешаванд.

Дар озмуни “Суперниндзя” 175 нафар иштирок доштанд, ки 25-нафарӣ дар 7 гурӯҳ тақсим шуда буданд. Аз ҳар гурӯҳ даҳнафарӣ ба нимфинал баромада, сипас ин 70 нафар ба 35 ҷуфт тақсим шуда, барои 35 ҷой дар финал вориди рақобат шуданд. Алишер Назаров дар гурӯҳаш дар байни 25 нафар ҷои аввалро гирифта, сипас дар нимфинал бо вуҷуди 10 сония фора доданаш ба духтаре, ки рақибаш буд, боз ҳам ғолиб омад ва роҳии финал шуд.

Моҳи декабр 35 довталаб, аз ҷумла Алишер Назаров рақобатҳоро дар марҳалаи ниҳоии озмуни “Суперниндзя” идома медиҳанд. Ғолибони марҳалаи ниҳоӣ сипас дар суперфинал барои шоҳҷоизаи озмун, ки 5 миллион рубл, ё беш аз 50 ҳазор доллар аст, вориди рақобат мешаванд.

Алишер мегӯяд, ки ба озмуни “Суперниндзя” бидуни тайёрии вижа омадааст, зеро барои машқу тамрин вақт надошт.

Бисёриҳо ба Алишер Назаров барои ҳунарнамоии олӣ дар озмуни “Суперниндзя” офарин хонда, ӯро “Одами оҳанин” ном бурданд ва бароят дар ин сабқат орзуи муваффақият карданд.

Мо ҳам ба ин ҳамватани далеру ҷасурамон орзуи ғолибиятро мекунем. Интизор мешавем, ки Алишер ба назди волидонаш бо 50 ҳазор доллар баргардад ва орзуи онҳоро, ки доштани хонаи калону барҳавост, ҷомаи амал пӯшонад.

Д. ҚОДИРПУР

«ТАМҒАИ ПИСАНДИДАИ ТОҶИКИСТОН-2023»

Бо ширкатҳои ғолиб шинос шавед!

Лоиҳа-озмуни “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон” 10- сола шуд! Ин лоиҳаи муваффақ дар заминаи сиёсати иқтисодии Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти мамлакат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби ширкати “Тайрон” дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави кишвар амалӣ карда мешавад. Лоиҳаи Тамғаи писандидаи Тоҷикистон барои рушди соҳибкорӣ ва маъруф гаштани тамғаҳо нақши калон дорад. Тӯли 10 солин лоиҳа зиёда аз 300 корхонаҳои хурду бузурги ватаниро муаррифӣ кардааст. Ҳамасола дар ин озмун зиёда аз 30 корхонаҳои хурду бузург иштирок намуда, тӯли 3 моҳ дастовардҳои ин корхонаҳо ва ширкатҳо тавассути матбуоти Тоҷикистон: ҳафтанома ва сомонаҳои Медиахолдинги «Оила» (“Тоҷикистон”, “Оила”, “Рекламная газета”, pressa.tj, oila.tj,) шабакаҳои иҷтимоӣ, радиову телевизионҳо ташвиқ карда мешавад ва дар маҷмӯъ беш аз ду миллион сокини кишварамон дар бораи ширкатҳои ватанӣ маълумот мегиранд. Бартарии лоиҳа дар он аст, ки ғолибонро худи истеъмолкунандагон интихоб мекунанд.

Дар доираи лоиҳа иштирокчиён рӯзҳои 2, 3, 4 ноябр дар Кохи Борбад молу маҳсулоти истеҳсолкардаи худро ба мизоҷон пешкаш намуданд.

Маросими тантанавии ҷоизасупорӣ ба ғолибони лоиҳа-озмуни овозадори “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” шоми 3-юми ноябр дар меҳмонхонаи “Hyatt Regency” баргузор гашта, дар он намояндагони ҳукумати ҷумҳурӣ, вазорату идораҳои давлатӣ, соҳибкорони муваффақ, сарояндагони ҷавон ва чеҳраҳои маъруфи иқтисод, сиёсат ва фарҳангу ҳунари кишвар иштирок доштанд. Муаллифи лоиҳа, директори ширкати “Тайрон” Шаҳноза Ҳамдамова ба сарпарасти кулли лоиҳа-ширкати ARTEL, ба сарпарастони расмӣ-Тавҳидбонк ва ширкати AKFA, ба шарикони лоиҳа-Шабакаи нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории “Газпром нефт Тоҷикистон ” ва мағозаи Tajik Time, ба шарикони иттилоотӣ- Телевизиони Сафина, Агентии миллии иттилоотии “Ховар” ва Радиои Ховар, ба Радиои Ватан, Ҳамсадо, Авторадио, Имрӯз ба сомонаҳои oila.tj ва pressa.tj ва тамоми иштирокчиёни лоиҳа сидқан изҳори сипос намуд.

Ҳамин тавр маросими тантанавии сарфарозгардонии ғолибон оғоз ёфт.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Сазовори боварӣ” насиби Тамғаи “ARTEL”-ҶДММ "ARTEL AVESTO ELECTRONICS гашт.



ҶДММ "ARTEL AVESTO ELECTRONICS " - корхонаи муштараки Тоҷикистону Узбекистон буда, моҳи феврали соли 2019 таъсис ёфтааст. Ширкат тавонист дар як муддати кӯтоҳ шӯҳратёр гардад. “ARTEL” дар истеҳсоли асбобҳои электронии рӯзгор дар Осиёи Миёна пешсаф мебошад. Алҳол бо тамғаи “ARTEL” зиёда аз 20 намуд асбобу анҷом, аз ҷумла телевизор, кондитсионер, чангкашак, обгармкунак, мошинаҳои ҷомашӯй, дарзмолҳои гуногун, асбобҳои хӯрокпазӣ ва дигар техникаи маишӣ истеҳсол карда мешавад. ARTEL AVESTO ELECTRONICS”-шарики генералии лоиҳаи “Тамғаи Писандидаи Тоҷикистон-2023” мебошад.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Дастоварди соҳибкорӣ” насиби ҶСК “Тавҳидбонк” гашт.



“Тавҳидбонк”–аввалин бонки исломӣ дар Тоҷикистон, иштирокчии фаъол ва боэътимоди бозори молиявии кишвар мебошад. Аз замони таъсисаш то ба имрӯз ин бонк бомуваффақият пеш рафта, сол то сол инкишоф меёбад. “Тавҳидбонк” ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардида, ҳамакнун дар саросари ҷумҳурӣ 5 филиал ва 58 маркази хизматрасонии бонкӣ дорад, ки бешубҳа дастоварди хеле калон аст. “Тавҳидбонк” - шарики расмии лоиҳаи “Тамғаи Писандидаи Тоҷикистон-2023” мебошад.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Эътирофи байналмилалӣ” насиби ҶДММ «AKFA BUILDING MATERIALS» гашт.



Яке аз иштирокчиёни имсолаи озмун ширкати AKFA-и Узбекистон мебошад, ки дорои бузургтарин маҷмааи автоматиконидашудаи истеҳсоли маводҳои сохтмонӣ дар Осиёи Марказӣ буда, сифат ва эътимоднокии маҳсулоташ кайҳо аз санҷиш гузаштааст. Ширкат дар давоми 23 соли фаъолияташ 20 заводро ба кор дароварда, имрӯз маҳсулоти хешро ба 21 давлати ҷаҳон содирот менамояд. Ширкати “AKFA” - шарики расмии лоиҳаи “Тамғаи Писандидаи Тоҷикистон-2023” мебошад.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Рушди устувор” насиби “Газпром нефть - Тоҷикистон” таҳти бренди қаҳваи G - Drive гашт.

Агар шумо хоҳиши дар роҳ наҳорӣ карданро дошта бошед, пас ба нуқтаҳои савдои сӯзишвории Газпромнефт ташриф оваред-ҳам



мошинатонро бо сӯзишворӣ пур мекунанду ҳам бароятон қаҳва-ву қаннодӣ омода месозанд, ки тамғаи худи ширкатро дорад. G-Drive -ин номи қаҳваи фирмавиашон аст. 80% ин қаҳва навъи Арабика ва 20% навъи робуста буда, ин қаҳваи омехта махсус барои фурӯш дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории “Газпром нефть - Тоҷикистон” пешбинӣ шудааст. “Газпром нефть - Тоҷикистон” - шарики расмии лоиҳаи “Тамғаи Писандидаи Тоҷикистон-2023” мебошад.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Маҳсулоти табиӣ” насиби - Комбинати шири Душанбе» гашт.



Бехуда нест, ки маззаи маҳсулоти ин тамғаро истеъмолкунандагон ин қадар дӯст медоранд. Маҳсулоти корхона табиӣ ва аз нигоҳи экологӣ тоза буда, ашёи хоме, ки барои истеҳсоли маҳсулот истифода мешавад, аз фермаҳои иноватсионии зотпарвариии худи комбинат дастрас мегардад. Айни замон дар як баст 65 тонна ашёи хом коркард шуда, зиёда аз 84 номгӯи маҳсулот истеҳсол ва пешкаши мардуми шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ гардонида мешавад.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Навгонӣ дар соҳибкорӣ” насиби ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи “Душанбе Сити Бонк” гашт.



“Душанбе Сити Бонк” дар байни Ташкилотҳои амонативу қарзии хурд аввалин шуда, дар фаъолияташ системаи пардохтии Экспресс Пайро таҳия ва ҷорӣ кард. Имрӯз 1 миллиону 300 ҳазор нафар аҳолии Тоҷикистон аз кортҳои ин бонк истифода мебаранд, 2 миллион нафар ҳамёни электрониро насб намуда, пардохти зиёда аз 200 хизматрасониҳои гуногунро ба сомон мерасонанд. “

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Маҳсулоти бомазза” насиби Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди “Мурғи Покиза” гашт.




Тӯли 3 сол аст, ки ширкат бо маҳсулоти гӯшти парранда мағозаҳои шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд. Корхона дорои иқтидори 52 ҳазор парранда ва инкубатори ҳозиразамон буда, дар як вақт то 300 ҳазор чӯча мебарорад, ки баъдан ба корхонаҳои мурғпарварии кишвар фурӯхта мешавад. Ширкат барои пешрафти соҳаи паррандапарварӣ, ки яке аз муҳимтарин манобеъи истеъмолӣ аст, ҳамчунин вусъати бозори дохиливу хориҷӣ дар ин самт мусоидат менамояд.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Бо муҳаббат тайёршуда” насиби тамғаи “ФАЙЗИ РАСУЛ”-и ҶДММ “Порсои Хуҷанд” аз вилояти Суғд гашт.



Маҳсулоти ширии тамғаи “Файзи Расул” дар рӯи дастархони сокинони кишвар ҷои фахриро ишғол намуда, истеъмолашро хурду калон дӯст медоранд. Дар коргоҳи мазкур дар як рӯз 6-6,5 тонна ва дар як моҳ то 130 тонна шир коркард мешавад. Ашёи хом аз фермаҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва комплексҳои аграриву чорводории вилоят дастрас карда мешавад. “Файзи Расул” яке аз иштирокчиёни фаъоли лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон” ба шумор меравад.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Нуфуз ва ҳаловат” насиби Тамғаи “Қолин сервис” -и Ширкати хизматгузории соҳибкори инфиродӣ Боқиев Тоҳир гашт.



“Қолин-сервис” кори кадбонуҳои тоҷикро осон намуда, шустану хушкашӯии қолинҳои шаклу ҳаҷмашон гуногун, болопӯшу рӯйҷоҳои пашмин, кӯрпаву болиштҳо, ҳатто тоза кардани мебели хонаро ба зимма гирифтааст. Корхона бо дастгоҳҳои муосири хориҷӣ муҷаҳҳаз буда, ҳангоми шустушӯ ва поксозӣ аз хокаву собунҳои табиӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тозаю маводҳои хушбӯйкунандаи баландсифат истифода мебарад. «Қолин-сервис» 24 соат дар шабонарӯз, ҳар рӯз дар хизмати мардум аст.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Маҳсулоти машҳур” насиби тамғаи “Мурғи беҳамто” гашт.



ҶДММ “Мурғи беҳамто” соли 2014 дар ҳудуди ноҳияи Ёвон таъсис ёфта, дар он 70 нафар коргарон фаъолият менамоянд ва барои дар як сол истеҳсол намудани 1800 тонна гӯшти парҳезӣ камари ҳиммат бастаанд. Истеҳсоли мурғ аз рӯи талаботи стандартӣ ба роҳ монда шуда, ҳамарӯза аз 5 то 6 тонна мурғи парҳезӣ ба мағозаҳои ноҳиявӣ ва пойтахт фиристода мешавад.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Ибтикори тиллоӣ” насиби тамғаи «Comfort baby» аз ҶСК «Афзалият Групп» гашт.



Моҳи марти соли 2021 дар пойтахти кишварамон, шаҳри Душанбе аввалин заводи уребчабарории гигиенӣ дар Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд. Маҳсулот аз рӯи технологияҳои муосир, дар дастгоҳҳои итолиёвӣ истеҳсол шуда, ба ҳама талаботҳои стандарти чаҳонӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар номинатсияи “Ибтикори тиллоӣ”-и лоиҳа-озмуни Тибқи нақшаи ширкат уребчаҳои «Комфорт Беби» ба миқдори зиёд ба хориҷи кишвар низ ба фурӯш бароварда мешаванд.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Сифати намунавӣ” насиби ҶДММ “Дунёи тоза” таҳти бренди «KARCHER» - Тоҷикистон гашт.

Тамғаи «KARCHER» ҳамчун



тамғаи пешво дар бозори ҷаҳонии техникаи олисифати маишӣ маъруф аст. Алҳол дар пойтахти кишвари мо ҳам чанд нуқтаи фурӯши техникаи тамғаи “KARCHER” фаъолият менамояд. Тамоми маҳсулоти тамға ба талаботи ташкилоти ҷаҳонии стандартизатсионӣ ҷавобгӯй буда, хизмати дарозмуддати он кафолат дода мешавад. “KARCHER” - Сифати олии олмонӣ дар Тоҷикистон!

(Давомаш дар саҳ. 15)

ФУТБОЛ

ҶАЛАСАИ ПРЕЗИДЕНТИ ФФТ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО ДАСТАНДАРКОРОН

Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ бо раисони ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва роҳбарони як қатор вазорату идораҳои кишвар, раисони шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ, инчунин аҳли ҷомеаи футболи кишвар ҷаласа баргузор кард.



Дар ҷаласа як қатор масъалаҳои марбут ба вазъи имрӯзаи футбол дар шаҳру навоҳӣ ва ояндаи он дар Тоҷикистон баррасӣ карда шуданд.

Дар ҷаласа ҳисоботҳои раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Суғд ва раиси Федератсияи футболи Суғд Раҷаббой Аҳмадзода шунида шуданд.

Вазъи варзишгоҳҳо ва зерсохтори футбол дар вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ аз ҷониби президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ мавриди интиқод қарор гирифт. Президенти ФФТ ба масъулин барои ҳарчи зудтар ислоҳ кардани вазъ супоришҳои мушаххас дод.

Президенти ФФТ аз вазъи «Регар-ТадАЗ» ва «Хатлон» дар Чемпионати Тоҷикистон-2023 нигаронӣ кард, зеро ин дастаҳо дар Лигаи олӣ ноком шуда, ба Лигаи якум рафтанд.

Президенти ФФТ дар бораи вазъи бошгоҳҳои футболи Тоҷикистон ҳарф зада, ба роҳбарони вилоятҳо, шаҳру навоҳии кишвар ҷиҳати зиёд кардани буҷаи дастаҳо, ҷалби сарпарастон ва хайрхоҳон барои дастгирӣ супоришҳо дод.

Қабл аз оғози мавсими навбатии футбол дастур дода шуд, ки дар варзишгоҳҳои «20-солагии Истиқлоли Тоҷикистон»-и шаҳри Хуҷанд, «Пахтакор»-и шаҳри Бохтар, Варзишгоҳи марказии шаҳри Истаравшан ва «ТАЛКО-Арена»-и шаҳри Турсунзода чароғҳо насб карда шаванд.

Дар фарҷом Рустами Эмомалӣ тамоми чеҳраҳои футболи кишвар, роҳбарону сарпарастонро ба фаъолияти пурсамар даъват карда, дастур дод, ки баҳри рушди футбол дар кишвар ва тарбияи футболбозони касбӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд.

ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲО

«ИСТИҚЛОЛ» БО «ПЕРСЕПОЛИС» МУСОВӢ КАРД

7-уми ноябр дар Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе бозии даври чоруми марҳилаи гурӯҳии Лигаи чемпионҳои Осиё-2023/24 дар гурӯҳи «Е» бо ширкати дастаҳои «Истиқлол»-и Тоҷикистон ва «Персеполис»-и Эрон баргузор шуд ва бо натиҷаи мусовии 1:1 ба охир расид.

Ҳисоби бозиро меҳмонон боз карданд. Бозигари маъруфи ин даста Маҳдӣ Туробӣ дар дақиқаи 30-юм аз зарбаи ҷаримавӣ тӯбро вориди дарвозаи Рустам Ятимов кард. Дар қисми дуюми бозӣ футболбозони "Истиқлол" бо голи Сенан Себай дар дақиқаи 74-ум натиҷаро баробар карданд. Ҳамин тавр, бозӣ мусовӣ анҷом ёфт ва имкони аз гурӯҳ баромадани «Истиқлол» камтар гардид.

Дар бозии дигари ин гурӯҳ дастаи «Ал-Наср» дар сафар бе Криштиану Роналду тавонист, ки дастаи «Ал-Духайл»-и Қатарро мағлуб кунад. Ҳисоби 2:3 ба қайд гирифта шуд.

Ҳоло дар ҷадвали гурӯҳи "Е" дастаи "Ал-Наср"-и Арабистони Саудӣ бо 12 имтиёз дар мақоми аввал аст. "Персеполис" бо 7 имтиёз дар зинаи дуюм қарор дорад. "Истиқлол" бо ду имтиёз дар зинаи сеюм ва "Ал-Духайл" бо як имтиёз дар зинаи чаҳорум аст.



БОКС



9 МЕДАЛИ ВАРЗИШГАРОНИ НАВРАСУ ҶАВОНИ ТОҶИК АЗ ҚАЗОҚИСТОН

23-юми октябр то 3-юми ноябр дар шаҳри Остонаи Қазоқистон баргузор гардид, 9 медал ба даст оварданд.

Дар чемпионат байни наврасон 220 варзишгар (147 писар, 73 духтар) ва байни ҷавонон 215 варзишгар (137 писар, 78 духтар) иштирок карданд.

Тоҷикистонро дар ин мусобиқаи сатҳи баланд 24 варзишгар (13 наврас, 11 ҷавон) намояндагӣ карда, 1 медали нуқра, 8 медали биринҷӣ ба даст оварданд.

Медали нуқраро байни наврасон Ҷаҳонгир Камолов дар вазни то 46 кг сазовор шуд. Мансурхуҷа Муминов дар вазни то 48 кг, Билолҷон Иксанов дар вазни то 50 кг, Абубакр Ғафуров дар вазни то 66 кг, Зиёратшо Қосимов дар вазнито 70 кг, Фариноз Абдуллова дар вазни то 52 кг, Мино Аъзамзода дар вазни то 60 кг байни наврасон, Меҳроҷ Суфиҷонов дар вазни то 48 кг ва Баҳромбек Ҳотамов дар вазни то 71 кг байни ҷавонон ба гирифтани медали биринҷӣ сарафроз гардиданд.

ЛИГАИ ЯКУМ

«ПАНҶШЕР» ВА «ИСТАРАВШАН» БА ЛИГАИ ОЛӢ МЕБАРОЯНД



Дастаи «Панҷшер»-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ пеш аз анҷоми бозиҳои даври охирин ғолиби мусобиқоти Лигаи якуми футболи Тоҷикистон гардид.

Дастаи «Панҷшер», ки дар даври 24-уми мусобиқот дар меҳмонӣ дастаи «Душанбе»-ро бо ҳисоби бузурги 5:0 шикаст дод, бо 53 имтиёз дар ҷадвали мусобиқот пешсафи ягона шуд ва новобаста аз натоиҷи бозиҳои даври охирин мақоми аввалро аз худ кард.

Дастаи «Истаравшан»-и шаҳри Истаравшан, ки дар бозии даври гузашта дар майдони худ дастаи «Гулистон»-и шаҳри Гулистонро бо ҳисоби 3:0 мағлуб кард, бо 49 имтиёз дар зинаи дуюм қарор дорад.

Ба ин тартиб, дастаҳои «Панҷшер» ва «Истаравшан», ки дар мусобиқоти имсолаи Лигаи якум мутаносибан ҷойҳои якуму дувумро соҳиб шуданд, бар асоси дастури мусобиқот соли оянда дар Лигаи олии футболи Тоҷикистон бозӣ хоҳанд кард.

Бароии ҷойи сеюм «Ҳулбук»-и Восеъ ва «Барқчӣ»-и Ҳисор, ки дар ҳамин ҳол дар ҷадвали мусобиқот бо 44-имтиёзӣ мутаносибан зинаҳои сеюму чорумро гирифтаанд, талош доранд.

Дар даври охирини мусобиқот ҳарду даста бо ҳам рӯ ба рӯ мешаванд. Бозии ҳалкунанда рӯзи якшанбеи 12-уми ноябр дар майдони «Барқчӣ» баргузор мешавад.

Дастаи «Гулистон»-и шаҳри Гулистон, ки ҳамаи бозиҳояшро бохт ва бидуни имтиёз зинаи охиринро гирифт, Лигаи якумро тарк мекунад.

Мусобиқоти имсолаи лигаи аввали футболи Тоҷикистон, ки бо иштироки 12 даста баргузор шуд, 12-уми ноябр ба поён мерасад.

РЕЗААХБОР

Дар пойтахти Тоҷикитстон мусобиқаи якуми байналмилалии таэквондо WT барои дарёфти Ҷоми раиси шаҳри Душанбе баргузор гардид. Дар ин мусобиқа зиёда аз 300 варзишгар ширкат карданд, ки 120 нафарашон аз Русия, Ӯзбекистон ва Муғулистон буданд. Миёни онҳо варзишгарони тоҷик ҳунарнамоии арзанда карда, дар рақобатҳои даставӣ мақоми аввалро соҳиб шуданд.

***

Паҳлавонони дастаи мунтахаби кураши Тоҷикистон дар мусобиқаи «International Kurash Tournament Sochi-2023» ба гирифтани се нишони биринҷӣ даст ёфтанд. Инҳо Фирдавс Насимов, Раҳматуллобек Фарҳодов ва Мавлуда Асламова ҳастанд, ки ҷойҳои сеюмро дар ин мусобиқа соҳиб шуданд.

***

Набимуҳаммад Хоркашев дар Чемпионати ҷаҳонии куштии чудо байни собиқадорон, ки дар шаҳри Абузабии Амороти Муттаҳидаи Араб баргузор гардид, соҳиби мақоми аввал гардид. Набимуҳаммад Хоркашев дар ин мусобиқа чор ҳариф - се варзишгар аз Қазоқистон ва як варзишгар аз Ӯзбекистонро шикаст дод ва чемпиони ҷаҳон миёни собиқадорон гардид.

***

Акмалиддин Каримов, Хушқадам Хусравов, Деваштич Убайдӣ, Зафар Олимшоев, Бахтовар Замиров дар самбои варзишӣ, Сорбон Латифов, Бобохон Мирзозода, Худоёр Раҷабов, Сарвар Ҳотамбоев дар самбои разми Тоҷикистонро дар Чемпионати ҷаҳонии самбо, ки аз 10 то 12-уми ноябр дар Ирвони Арманистон баргузор мешавад, намояндагӣ мекунанд.



САНТЕХНИК БО ҶУРМИ ХИЁНАТ БА ДАВЛАТ ЗИНДОНӢ ШУД

Суди шаҳри Маскав зодаи Тоҷикистон Зоҳидов Аҳадҷон Маҳмадҷоновичро, ки 36 сол дорад ва дар пойтахти Русия ҳамчун ронандаи таксӣ ва устои сантехник кор мекард, бо ҷурмҳои сангини хиёнат ба давлат ва қочоқи силоҳ маҳкум ба 13 соли зиндони низомаш сангин кардааст.

Дар бораи шахсияти маҳкумшуда маълумоти зиёде дар даст нест. Бино ба маълумоти Феҳристи ягонаи сабти давлатии шахсони ҳуқуқии Русия, ба номи Зоҳидов Аҳадҷон Маҳмадҷонович дар деҳаи Брехово дар канори шаҳри Химки як корхонаи инфиродӣ сабт шудааст, ки соҳаи фаъолияташ таксии сабукрав нишон дода шудааст.

ТАҲМИНА ОЛИМОВА БА ДАСТ АФТОД. ЎРО МЕШИНОСЕД?

Пулиси Маскав як шаҳрванди Тоҷикистонро боздошт кардааст, ки дар ҷустуҷӯи байналмилалӣ қарор дошт.

Ӯ Тахмина Олимова мебошад, ки дар ватанаш ба қаллобӣ дар ҳачми махсусан калон муттаҳам дониста мешавад.

Гуфта мешавад, ки вай аз моҳи август то декабри соли 2022 ба эътимоди чанд сокини Тоҷикистон, ки дар маркази савдо кор мекунанд, даромада, ваъда дода, ки пули онҳоро бо қурби мувофиқ ба асъори хориҷӣ иваз мекунад ва аз онҳо маблағи муодили беш аз 3 миллион рубл гирифтааст. Вай ин маблағҳоро барои эҳтиёҷоти шахсӣ сарф кардааст.

ФИРОРИ МАҲБУСИ ТОҶИК АЗ ЗИНДОНИ РУСИЯ

Маҳбуси тоҷики 57-сола Амриддин Саидов, ки 9 сол боз дар маҳбаси Русия бо ҷуми қочоқи маводи мухаддир адои ҳукм мекард, аз маҳбаси сукунатии (колония-поселение) № 20, воқеъ дар шаҳри Уст-Кути вилояти Иркутск фирор кардааст.

Дар ГУФСИН, идораи зиндонҳои вилояти Иркутск гуфтанд, ки Амриддин Саидов субҳи 27-уми октябри соли 2023 фирор кардааст.

Амриддин Саидов бо ҷурми қочоқи маводи мухаддир ба 11 соли зиндон маҳкум шуда буд ва 8 соли аввали ҳукмашро дар маҳбаси низомаш сангин адо карда, дар баҳори соли 2022 ба маҳбаси сукунатӣ гузаронида шуд. Ӯ мебоист соли 2025 ба озодӣ мебаромад.



БИЛЕТИ ҲАРБӢ ЧАНД ПУЛ ШУД?

Прокуратураи генералии Тоҷикистон нисбати чанд нафар, аз ҷумла як корманди милитсияи пойтахт барои омода кардани билети ҳарбии қалбакӣ ва ҷиноятҳои қаллобӣ парвандаи ҷиноятӣ боз карда, онҳоро боздошт кардааст.

Дар ин бора сомонаи расмии Прокуратура хабар медиҳад.

Ба иттилои манбаъ, шаҳрванд Абдусаттор Шарипов барои тайёр кардани билетҳои ҳарбӣ барои се нафар аз шаҳрванд Т. Фатҳуллаева 36 ҳазор сомонӣ гирифта, тавассути дӯсташ Аҳмедов Фирдавс барои онҳо билетҳои ҳарбии қалбакӣ омода кардааст.

Ин ҳолатро додситонӣ ошкор карда, нисбати Шарипов Абдусаттор ва Фирдавс Аҳмедов барои қаллобӣ бо маслиҳати пешакӣ, сохтакории ҳуччатҳо ва шарикии ҷиноят (моддаҳои 247, қисми 2, бандҳои «б,в», 340, қисми 2, бандҳои «б,в» ва 36, қисми 5-343, қисми 3, банди «б» Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон) парвандаи ҷиноятӣ оғоз кардааст ва онҳо ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд.

Ин ниҳод нагуфтааст, ки нисбати онҳо чӣ ҷазо таъин гардидааст.

“Дар ҳолати дигар, шаҳрванд Тухтаев Ҳасан бар ивази 40 ҳазор сомонӣ ба даъватшавандагони шаҳри Исфара билетҳои ҳарбӣ оид ба хизматро дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ адо намудан бо роҳи сохтакорӣ тайёр кардааст”,- навиштааст додистонӣ.

Амали онҳо зимни пешниҳод кардани билетҳои ҳарбӣ ба Комиссариати ҳарбии шаҳри Исфара барои ба қайд гузоштан ошкор шудааст.

Вобаста ба ин Прокуратураи гарнизони Суғд нисбати гумонбарон парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуда, тафтишоти пешакӣ идома дорад.

Ҳолати сеюм, ба гуфтаи манбаъ, бо ширкати Назаров Мехрочиддин, корманди шуъбаи Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и ВКД дар ноҳияи Шоҳмансур-2 лейтенанти калони милитсия рух додааст, ки шаҳрванд Собирзода Нуриддин бо мақсади дастрас кардани билети ҳарбии қалбакӣ ба ӯ 24 ҳазор сомонӣ додааст.

“Назаров М. Х. маблағи гирифтаашро бо корманди Раёсати ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, капитани милитсия Исмоилов Ашуралӣ Саюрчонович тақсим намуда, билети ҳарбии қалбакиро ба даъватшаванда дастрас намудаанд”,- гуфтааст ин ниҳод.

Баъди пешниҳод кардани билети ҳарбӣ ба мақомоти шаҳри Ваҳдат қалбакӣ будани билети ҳарбӣ ошкор гардида, нисбати гумонбарон парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, тафтиш идома дорад.

ПИСАРИ РЕКТОР 3 СОЛ ЗИНДОНӢ ШУД



Комёб Файзулло, ронандаи мошине, ки сабабгори ҳалокати овозхон Некрӯз Ниёзов гардид, ба 3 сол зиндон маҳкум шудааст.

Аз Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе гуфтанд, ки ҳукми Комёб Файзулло бар асоси моддаи 212-и Кодекси ҷиноятӣ (Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, ки аз беэҳтиётӣ боис ба марги инсон шудааст) баромадааст.

Ёдовар мешавем, ки шаби 21-уми сентябр дар натиҷаи садама дар назди тарабхонаи “Боми Ҷаҳон” дар Душанбе овозхони 28-сола Некрӯз Ниёзов, ки дар канори роҳ истода буд, ҷон бохт.

ҶОҒИ РЭПСАРОИ ТОҶИКРО КӢ ШИКАСТ?

Рэпсарои шинохтаи тоҷик Наврӯз Валиев, ки бо тахаллуси Навик МС маъруф аст, моҳи октябри соли равон дар шаҳри Маскав аз ҷониби як гурӯҳ зодагони Доғистон латукӯб шудааст ва қариб ду ҳафта боз дар бемористони шаҳрии клиникии №1 ба номи Н. И. Пирогов, воқеъ дар хиёбони Ленин 10, шаҳри Маскав таҳти табобат қарор дорад.



Дар як видео Навик мегӯяд, ки дандонҳо ва чанд қабурғаашро зада шикастанд. Бар асоси ташхиси табибон, ҷоғи Навик низ аз ду ҷо шикастааст. Дар видео Навик дар болои кати бемористон дар бораи шикастани дандонҳову ҷоғу ангушт ва қабурғаҳояш ҳарф мезанад ва сипас сабти аудиои суҳбаташ меояд, ки дар он мегӯяд, ҳадафи ҳамлаи ягон 20 доғистонӣ қарор гирифтааст.

“Бобои Лангарӣ” - блогери тоҷик мегӯяд, ки Навик ва як нафари дигар барои бачаҳои тоҷике, ки дар тарафи Домодедово кор кардаанд, вале пулашонро надодаанд, бархоста, бо як доғистонӣ даъво кардаанд. Доғистонӣ онҳоро барои “суҳбати мардона” даъват кардааст, вале вақте Навик ва рафиқаш барои “суҳбати мардона” мераванд, издиҳоме, ки он доғистонӣ бо худ оварда буд, ба онҳо ҳамла карда, бераҳмона латукӯбашон мекунанд.

БОЗДОШТИ ДОМОДИ ПРЕЗИДЕНТИ СОБИҚ


Радиои Озодлик бо такя ба 4 манбаи алоҳида хабар дод, ки Рустам Мадумаров, овозхони тоҷиктабори дар гузашта маъруф ва собиқ шавҳари Гулнора Каримова, духтари калонии президенти якуми Ӯзбекистон Ислом Каримов дар Ҳонгконг ҳабс шудааст.

Рустам Мадумаров, ки ҳамроҳи бародараш Алишер дар поёни солҳои 90 гурӯҳи “Дадо”-ро ташкил дод, аз овозхонҳои маъруфи ибтидои солҳои 2000-ум дар Ӯзбекистону минтақа ба шумор мерафт. Он вақтҳо бахусус таронаи тоҷикии “Ман”, ё “Дадо, надо” дар ичрои Рустам ва Алишер Мадумаровҳо бисёр шуҳрат пайдо карда буд. Аммо баъди чанде Рустам Мадумаров шарики тиҷоратӣ ва ҳамсари Гулнора Каримова шуда, саҳнаро партофт. Соли 2014, дар пайи ҳабси Гулнора Каримова бо иттиҳоми даст доштан ба коррупсия даҳҳо тан аз шарикони ӯ, аз ҷумла Рустам Мадумаров низ ба ҳабс кашида шуда, “барои солҳои тӯлонӣ” маҳкум ба зиндон шуданд. Маҷомот чанд сол маҳкум шудани Мадумаровро эълон накарданд, вале бино ба иттилои манобеи Озодлик, ӯ дар аввали соли 2023 ба озодӣ баромад, аммо натавонист шаҳди озодиро ба серӣ бичашад. Ба гуфтаи манобеи огоҳ аз қазия, ӯро рӯзи 1-уми октябри соли 2023 дар фурудгоҳи Ҳонгконг дастгир карданд. Ӯ ба Ҳонгконг на бо ихтиёри худ, балки бо амри роҳбарони баландпояи Хадамоти амнияти давлатии Ӯзбекистон (СГБ) рафта будааст, то пулҳои мавҷуда дар ҳисобҳои бонкии Гулнора Каримоваро ба дигар ҳисобҳо интиқол диҳад.

Манбаи Озодлик гуфт: “Мадумаровро ду афсари амният ҳамроҳӣ мекарданд. Вақте Рустамро дастгир карданд, он ду афсари СГБ чунин вонамуд карданд, ки гӯё ӯро намешиносанд. Мадумаров ба шустушӯи пул дар Ҳонгконг муттаҳам мешавад. Талошҳое шуд, то ӯро бо пардохти гаравпулӣ озод кунанд, вале ҷониби Ҳонгконг розӣ нашуд. Мадумаров инак беш аз як моҳ боз дар Ҳонгконг дар боздошт қарор дорад”.

Ба Мадумаров барои шустушӯи пулҳои ғайриқонунӣ тибқи қавонини Ҳонгконг то 14 соли зиндон таҳдид мекунад.





СУЛФА

5 ҒАЛАТИ МАЪМУЛӢ ДАР ТАБОБАТИ ОН

БО ФАРО РАСИДАНИ ФАСЛИ САРМО БО АНДАК ШАМОЛ ХӮРДАН СУЛФАИ ШАДИД АКСАРИ ОДАМОНРО ДОМАНГИР МЕШАВАД. СУЛФА МЕТАВОНАД НИШОНАИ БЕМОРИҲОИ ҶИДДӢ БОШАД, ЗЕРО ҶИСМИ МО БО ҲАМИН РОҲ АЗ ПАЙДОИШИ МУШКИЛОТИ ҶИДДӢ ДАР ШУШ ВА ДИГАР УЗВҲОИ РОҲИ НАФАС ДАРАК МЕДИҲАД.

Аслан сулфа як навъ механизми тоза кардани организм аз балғам буда, ҷисми инсонро ба қавле поккорӣ менамояд, вале табиист, ки сулфа задан ба ягон кас хуш намеояд. Одатан баробари саршавии сулфа мо ба дорухона медавем ва дониставу надониста аз пеши худ доруву даво мехарем, то ҳарчи зудтар аз сулфа халос шавем, вале ин комилан нодуруст аст. Имрӯз мо ба шумо дар бораи 5 ғалати маъмулӣ қисса мекунем, ки одамон ҳангоми табобати сулфа ба ин хатоҳо роҳ дода, ба ҷойи шифо ёфтан, баръакс ба саломатии худ зиён мерасонанд.

Ғалати 1
ХӮРДАНИ ДОРУҲО

Мариз гумон мекунад, ки мушкилоти ӯ дар сулфа аст ва агар аз он раҳоӣ ёбад, ҷонаш халос мешавад. Аз ҳамин хотир, доруҳои зидди сулфаро истифода мебарад. Дар асл сулфа ба сари худ беморӣ набуда, бештар бар асари балғам пайдо мешавад ва ин як роҳи тоза шудани ҷисм аз балғам мебошад. Аз ҳамин хотир хӯрдани доруҳои зидди сулфа зимни сулфаи балғамдор мумкин нест, чунки ин доруҳо монеи баромадани балғам аз шуш ва роҳҳои нафас мегарданд. Дар натиҷа балғам дар организм ҷамъ мешавад.

Роҳи дуруст: Пеш аз ҳама шуш ва роҳҳои нафасро аз балғам тоза кардан лозим аст. Барои ин шумо бояд доруҳои балғамбарор хӯред.

Ғалати 2
АНТИБИОТИКҲО

Бисёриҳо гумон мекунанд, ки антибиотикҳо таъсири муъҷизавӣ доранд ва дар муддати кӯтоҳ одамро аз тамоми бемориҳо наҷот мебахшанд. Дар асл худсарона истифода бурдани антибиотикҳо ба саломатии инсон зарар дошта, метавонад боиси вайрон шудани микрофлораи рӯдаҳо, авитаминоз, вайроншавии кори ҷигар ва гурда гардад.

Роҳи дуруст: Маъмулан антибиотикҳоро танҳо дар сурати хислати бактериалӣ доштани сулфа, масалан зимни бемории пневмония истифода мебаранд. Аз ҳамин хотир, бе маслиҳати духтур антибиотик нагиред.

Ғалати 3
САРФИ БЕҲУДАИ МАБЛАҒ

Аксарият гумон мекунанд, ки сулфаи хушк нишонаи бемориҳои вирусӣ аст, аммо сарчашмаи беморӣ метавонад тамоман дигар бошад. Ҳолатҳое мешаванд, ки одам сулфад ҳам, дар асл дар организм балғам нест. Дар ин ҳол харидану хӯрдани доруҳои балғамрон танҳо сарфи беҳудаи маблағ асту халос.

Роҳи дуруст: Пеш аз он ки дору харед, аввал ба духтур рафта, сабаб ва сарчашмаи сулфаро аниқ намоед ва танҳо бо тавсияи табиб табобат бигиред. Сараввал духтур сарчашмаи бемориро муайян мекунад. Сулфа бар асари шамолхӯрӣ пайдо шуда бошад, антибиотик таъин мекунад. Сабаби сулфа аллергия бошад, бояд доруҳои зидди ҳассосият гиред. Гоҳо чунин ҳам мешавад, ки сулфа бо сабаби асабонияти шадид пайдо мешавад. Дар чунин ҳолат ба табиби асабшинос мурочиат намуда, барои ором шудани асаб доруҳои махсуси оромкунанда гирифтан лозим аст. Асаб ки ором шуд, сулфа худ аз худ мегузарад.

Ғалати 4
ТАБОБАТИ ХАЛҚӢ

Дар ҳақиқат баъзе давоҳои халқӣ метавонанд дар табобати сулфа ёрӣ расонанд, вале аз пеши худ нафаҳмидаву насанҷида ҳар хел гиёҳ ва алафҳоро хӯрдан мумкин нест. Чаро? Ҷисми шумо метавонад ба ин гиёҳҳо ҳассосият дошта бошад ва истеъмоли ин ё он гиёҳ боиси аллергия гашта, ба болои як мушкил мушкили дигарро зам намояд.

Роҳи дуруст: Бо худтабобаткунӣ машғул шуда, барои табобати сулфа ҳар хел алафҳоро аз пеши худ истифода набаред. Дар ёд дошта бошед, ки аввал ба назди духтур рафта, сабаби сулфаро аниқ кардан лозим аст.

Ғалати 5
ШАБОНА ХӮРДАНИ ДОРУ

Барои он ки зудтар аз балғам халос шаванд, баъзе маризон дар як рӯз чанд маротиба доруҳои гуногуни балғамронро истеъмол мекунанд, ки ин ғалати маҳз аст. Чаро? Аввалан, аз миқдор зиёд истифода бурдани дору метавонад боиси захролудшавии ҷисм гардад. Дуюм, бо хӯрдани доруи бисёр балғам ба зудӣ аз организм намебарояд. Барои он ки ҷисми шумо аз балғам тоза шавад, вақти муайян лозим аст, то балғам тунук шавад ва аз роҳҳои нафас барояд.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Нафароне, ки дар мучали ҳамал таваллид ёфтаанд, аз бепарвоиву дурӯягии нафаре руҳафтода мешаванд. Бадгӯиеро нисбати худ ва оилаи худ шунида, меранҷед. Зимни робита бо ҳамкороне, ки барои ба мақсад расидан ба ҳама кор қодиранд, худро ба даст гиред.



Савр
21.04 - 21.05

Зодагони мучали савр дар ҳафтаи нав уҳдадориву корҳои зиёд пайдо мекунанд. Дар ин ҳафта бо атрофиёни худ муносибатҳои ошкоро доштан мехоҳед. Кӯшиш ба харҷ медиҳед, ки мушкилиҳои ҳалношударо рафъ намоед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Зодагони мучали ҷавзоро ҳафтае интизор аст, ки рафтору кирдори худро бояд дар тарозуи ақл баркашанд. Дар давоми ҳафта бо дӯстони худ бештар дар робита бошед ва дар ҳолатҳои зарурӣ дасти ёрӣ дароз кунед. Ба ёри худ имкон диҳед, ки пешниҳодҳои худро амалӣ созад.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар ин ҳафта нақшаи уҳдадориҳои худро барои охири сол тартиб медиҳед. Вазъи молиявиатон хеле хуб мешавад, хусусан агар дар масъалаҳои пулӣ сарфакор бошед. Аксари зодагони мучали ҷавзо дар ин ҳафта пул ба даст меоранд.



Асад
23.07 - 22.08

Агар шумо дар мучали асад таваллид ёфта бошед, ҳафтаи навро бо ҳузури бонуи аҷиб донишманде сипарӣ менамоед. Ҳафта барои пешравии нафарони тоҷир хеле муҳим аст. Эҳсоси хастагӣ ё бехобӣ кашиданатон бо сабаби ҳодисаҳои зиёди ҳафта сар мезанад.



Сумбула
23.08 - 22.09

Агар шумо дар мучали сунбула таваллид ёфта бошед, ҳодисаҳое, ки дар ҳаёти пайвандонатон рух медиҳанд, ба зиндагии шумо низ беасар наметонанд. Эҳтимол на ҳама ба андозае, ки шумо мехоҳед, кор кардан мехоҳанд, вале ба бетоқатӣ, асабоният ва қаҳру ғазаб роҳ надиҳед.



Мизон
25.09 - 22.10

Агар шумо дар мучали мизон таваллид ёфта бошед, кӯшиши ҳодисаҳоро ба хости дили худ тоб доданро накунед. Маслиҳат ё кумаке, ки дар давоми ҳафт рӯз мегиред, бароятон даркор мешавад. Агар аз уҳдаи коре баромада натавонед, онро ваъда надиҳед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Зодагони мучали ақраб дар ин ҳафта бо қабулу гусели меҳмонҳо машғул мешаванд. Ҳар хабару овозае, ки мешунавед, бароятон даркор мешавад. Ташвишу хавотириро ба дил роҳ надиҳед. Хабари муҳимеро мешунавед, ки ба вазъи молиявиатон алоқамандӣ дорад.



Қавс
25.11 - 21.12

Ҳодисаҳои зиёде, ки дар ин ҳафта рух медиҳанд, шуморо водор месозанд нақшаҳои худро барои рӯзҳои наздик тағйир диҳед. Баҳсу мунозираҳое, ки дар ин ҳафта рух медиҳанд, бо сабаби бетоқатии шумо сар мезананд.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Зодагони мучали ҷаддӣ дар ин ҳафта дар ҷашну маросимҳои оилавӣ ва ҷашни зодрӯзи наздикони худ ширкат варзида, табъи худро болида месозанд. Дар давоми ҳафта бештар бо нафароне дар робита мешавед, ки касбу кори якхела доред.



Далв
21.01 - 19.02

Бояд хоҳиш ё маслиҳати нафареро, ки ҳамроҳаш кор мекунед, ба инобат гиред. Мушкилоти оилавиятон давоми ҳафт рӯз зиёд мешаванд. Қабл аз он ки чизеро ваъда медиҳед, андеша намоед, ки аз уҳдааш мебароед ё не. Бемории ногаҳонӣ табъатонро хира месозад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Зодагони мучали ҳут дар ҳафтаи нав барои ба анҷом расонидани уҳдадориҳои худ масъулияти бештар бояд эҳсос намоянд. Ҳафта барои корҳои судӣ созгор аст. Дӯстону пайвандони роҳдур аз шумо кумаку дастгирӣ мехоҳанд.

100 сол бо 6 сарвар

(Аввалаш дар саҳ.3)



Розӣ шудам. Вале вақте дар Конгресс Эжени Коттон - физики бузурги ҷаҳонӣ ва Доллорес Ибабури - роҳбари коммунистони Испониёро дидам, тарсидам. Инро Котиби СК КПСС Екатерина Фуртсева дида, гуфт, ки натарсам ва озод бошам. Ҳамин тавр, ман баромад кардам. Ҳамин тавр, соли 1964 Конгресси занони Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИМА баргузор шуд ва банда ба Ню Йорк сафар кардам. 3 рӯз масъалаи ҳуқуқу озодиҳои занон, махсусан занону кӯдакону пиронсолонро дар ҷанги Корея ва Ветнам муҳокима кардем. Қарор шуд, ки қатъномаи конгрессро ба дафтари Созмони Милали Муттаҳид барем. Боз ҳам банда намоянда шудам. Вақте дар дафтари СММ будем, хоҳиш кардам, ки маро ба толори маҷлисгоҳ баранд. Ман хостам мизеро бинам, ки Хрушёв 12-уми октябри соли 1960 дар он нишаста буд. Он рӯз вақте намояндаи Филиппин зидди СССР ҳарф мезад, Хрушёв туфлиашро кашида ба миз мезанад. Онро ба ман нишон доданд. Ба курсии раиси СММ ҳам нишастам. Рӯйи мизаш микрофон ва зангӯла дошт. Бо ҳазл аз микрофон гуфтам, ки мо занони 2 мамлакати абарқудрат умедворем, ки пешниҳодҳои мо аз ҷониби СММ дида баромада мешавад.

Чанд сол қабл набераам дар Амрико ба дафтари СММ меравад. Дар он ҷо як плакатро мебинад, ки навишта шудааст: “Занҳои лидери соли 1964”. Ва он ҷо акси маро мебинад. Ба дӯстонаш мегӯяд, ки ин нафар биби ман мешаванд...

Даҳшати ҷанги шаҳрвандӣ

- Баъди пошхӯрии давлати шӯравӣ шумо бо ҳукумати феълӣ ҳам кор кардед.

- Бале. Пош хӯрдани шӯравӣ ба сари Тоҷикистон рӯзҳои талх овард. Гурӯҳҳои манфиатхоҳ кишварро пора карданӣ шуданд. Нагузоштанд, ки Маҳкамов кор кунад. Набиевро ҳам маҷбурӣ ба истеъфо фиристоданд. Вақте Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон дар Хуҷанд ҷамъ шуд, моро ҳамчун ветерани меҳнату ҷанг даъват карданд. Дар он иҷлосия Эмомалӣ Раҳмон сарвари кишвар шуд ва Тоҷикистонро аз вартаи нобудӣ наҷот дод. Ман аллакай синнам аз 70 гузашта буд, вале бо занҳои фаъол ба ҳукумати нав ҳамроҳ шудем. Вазифаи мо суҳбат бо мардум ва даъват ба сулҳу амният буд. Соли 1993 боз ба мани 70-сола вазифа доданд. Маро раиси Кумитаи занҳо таъйин карданд. Ман таҷрибаи кор дар замони Ҷанги Бузурги Ватаниро доштам. Бинобар ин, саросари кишварро гашта, бо мардум суҳбат мекардем.

- Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ сафар ба минтақаҳо хатарнок буд. Вале мегӯянд, ки шумо наметарсидед. Ҳатто қумандонҳо ба истиқболатон меомаданд.

- Онҳо мӯйи сафеди маро ҳурмат мекарданд. Баъдан, аз замони шӯравӣ маро мешинохтанд. Он солҳо бисёр душвор буд. Баъди Иҷлосияи 16-ум мо аввал роҳро ба Вахш кушодем. Муовини раиси шаҳри Душанбе Саидова мошин дошт. Як мошини дигарро аз киностудия гирифта, ба 3-4 мошини боркашон ҳамчун ёрдам маҳсулоти ниёзи аввал гирифта, ба роҳ баромадем. Дар роҳи Қӯрғонтеппа моро манъ карданд. Командирашон ба як мошини мо, ки навтар буд, ишора карда гуфт, ки бо ин наравед, ки кашида мегиранд. Пиёда шудем. Рафиқа Мӯсоеваро ба танк савор кардем, раиси Иттифоқи касабаи ҷумҳурӣ Давлаталиеваро бошад, ба як мошини боркашон ва ба роҳамон идома додем. Вазъ муташанниҷ буд. Дар як шаб 65 ҳазор нафар аз вилояти Қӯрғонтеппа ба Афғонистон гурехта буданд...

Хона ба хона гаштем. Мактабҳо баста, хонаҳо валангор. Як хонаро дидем, ки пурра нобуд шудааст, фақат рамкаи дар мондаасту халос. Ба як хона даромадем, ки як зан нишастааст бо ду кӯдакаш. Шавҳару писарашро кушта буданд. 3 рӯз чизе нахӯрда буданд. Оилаеро дидем, ки 11 нафарро ба қатл расонида буданд. Бисёр даҳшат буд. Мардуми мо рӯзҳои сахтро аз сар гузаронид. Худо дигар он рӯзҳоро барнагардонад. Ташаккур ба Эмомалӣ Раҳмон, ки кишварро наҷот дод.

Ҳамеша бо мардум

- Дар рӯзҳои мавлудатон шоҳид будем, ки аксар занҳои роҳбар ба дидорбиниатон меоянд...

- Бале. Ман сипосгузорам, ки фаромӯшам намекунанд. Ҳукумати кишвар ва Кумитаи кор бо занон ва оила маро ба чорабиниҳо даъват мекунанд. Дар иду ҷашнҳо ба табрикам меоянд. Дар ҳамин рӯзҳо муовини сарвазир Матлубахон Сатториён чанд бор ба дидорбинам омад. Ташаккур ба Президенти кишвар, ки 100-солагии маро дар сатҳи баланд таҷлил карданд. Ба ман номаи шодбошӣ фиристоданд.

- Ба фаъолияти занони роҳбар чӣ баҳо медиҳед?

- Имрӯз занҳои мо ба дараҷаҳои баланд расиданд ва дар ҳама соҳа кор мекунанд. Шукр мекунам, ки талошҳои мо натиҷа дод. Давутози мо барои баланд бардоштани мавқеи занон бенатиҷа набудааст.

- Зани роҳбар бояд чӣ гуна бошад?

- Зани роҳбар бояд ба халқ наздик бошад. Агар назарашро баланд кунад, нисбати мардум нописандӣ намояд ва фақат ба орову торо додани худ машғул шавад, муваффақ намешавад. Мо худамонро орову торо намедодем. Мошинҳои гаронбаҳо ҳам надоштем. Либоси нағз ҳам намепӯшидем. Шаҳру навоҳиро гоҳо аспсавор, гоҳо пиёда гашта, бо мардум вомехӯрдем ва дарди дилашонро гӯш мекардему мушкилашонро осон менамудем. Бо як бурида нону як куртаи одӣ қаноат мекардем. Ҳамин буд, ки ба мартабаҳои баланд расидем.

Мусоҳиб
Одил НОЗИР

▸▸ *Маълумотнома:*

Зарифова Низорамоҳ Одинаевна** (тав. 6-уми ноябри соли 1923) - ходими давлативу ҷамъиятӣ, яке аз шахсиятҳои машҳури сиёсии замони шӯравии тоҷик. Дар вазифаҳои гуногун ифои вазифа намудааст. Аз ҷумла, мудири шуъбаи кадрҳои Комитети Кӯлоб (1941-1945), мудири шуъбаи мактабҳои Комитети комсомолии вилояти Кӯлоб (1945-1947), мудири шуъбаи занони Комитети ҳизбии вилояти Кӯлоб (1947-1952), мудири шуъбаи занони КМ ПК Тоҷикистон. Аз соли 1966 то соли 1986 ба ҳайси ҷонишини раиси Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон кор кардааст. Ӯ ҳамткардаи Мактаби олии ҳизбии назди КМ КПСС мебошад. Дар вақташ вакили Съезди XXII КПСС. Узви Пленуми Комитети занони шӯравӣ, узви Шӯрои Федератсияи байналхалқии занон буд. Низорамоҳ Зарифова вакили Шӯрои Олии ИҶШС (даъватҳои 5-6) ва депутати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон (даъватҳои 4, 6, 8, 9) буд. Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҳам муддате раиси Кумитаи кор бо занон ва оила буд ва дар барқарор кардани сохти конститутсионӣ саҳм гузоштааст. Бо ду ордени Ленин, 3 ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, 2 ордени «Нишони Фахрӣ», 3 медал ва ифтихорномаҳои Раёсатҳои Шӯрои Олии ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон қадр шудааст.

Мавлудномаҳо

• 9 НОЯБР •

Иля Абдураҳмонов (1923-2003), 100-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Сироҷиддин Алимов (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Шамсия Аҳмадова (1918-1986), 105-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Олег Вател (1928-1999), 95-солагии зодрӯзи наттоқи радио.

• 10 НОЯБР •

Шоҳазиз Азизов (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Саодат Амиршоева (1953), 70-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

Нуралишо Назаров (1948), 75-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Шукрулло Полвонов (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Норӣ Раббиндухт (1953), 70-солагии зодрӯзи шоир.

Нуриддини Садриддин (1953), 70-солагии зодрӯзи шоир.

Тилло Фатҳуллоев (1948-2014), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

• 11 НОЯБР •

Нуралӣ Гадоев (1938-1992), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Елена Локшина (1918-1999), 105-солагии зодрӯзидоктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Холбои Ҷалил (1948), 75-солагии зодрӯзи шоир.

• 12 НОЯБР •

Сайфулло Сафаров (1953), 70-солагии зодрӯзи файласуф, профессор.

Галина Сушко (1918-1991), 105-солагии зодрӯзи Китобдори шоистаи Тоҷикистон.

Николай Веселовский (1848-1918), 175-солагии зодрӯзи шарқшинос- бостоншиноси рус, таҳқиқгари этнографияи тоҷикон.

• 13 НОЯБР •

Қозимамад Абдуламонов (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ.

Шарофиддин Нуриддинов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

• 14 НОЯБР •

Владимир Державин (1908-1975), 115-солагии зодрӯзи шоир, мутарҷим, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Сафар Каримов (1958), 65-солагии зодрӯзи мутриб, сароянда.

Игор Лопатин (1923-2012), 100-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Салим Ҳусейнов (1928), 95-солагии зодрӯзи машинисти поезд, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

• 15 НОЯБР •

Амриддин Аслиддинов (1938), 85-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Гулмурод Бойзода (1948), 75-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Кабут Вазиров (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

Лутфишои Додо (1943), 80-солагии зодрӯзи адиб ва журналист.

Саидҷон Қодирӣ (1958), 65-солагии зодрӯзи кинорежиссёр.

Холаҳмад Маҷидов (1948-2023), 75-солагии зодрӯзи хормейстер, мутриб, оҳангсоз, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Муродулло Нуруллоев (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

Абдулҳай Самадов (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Фотима Тӯраева (1953), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Саймурод Фаттоев (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Усмон Шокир (1958), 65-солагии зодрӯзи адиб ва журналист.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Нуралиева Фируза Маҷидовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ 5/12, ҳ. 26, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ таҳти реестри №8017 ба номи Джалолов Бобокалон Джамилович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Родишев 17, ҳ. 1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-ШТА №0342333 ба номи Хушвахтов Ҷамшед Раҳимович, ки санаи 11.06.2009 аз ҷониби МТМУ №40-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 А №621905 ба номи Мухиддинова Манзура Уктамжоновна, ки санаи 12.06.1991 аз ҷониби МТМУ №40-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи иштироки ҳиссагӣ дар сохтмон таҳти феҳристи №9Ш-816, аз санаи 22.06.2018 ба номи Миралиева Сафармо Муродовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Корвон, хонаи 4, блоки 1, ҳ. 64, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи кооперативи тиҷоратии "Нишон-Н", РЯМ: 3310006655, РМА: 330011019, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯй ба номи Саидов Илҳом Ҳайдарович, ки соли 2020 аз Донишгоҳи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С. Раҳимов дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Зиёев Ятим, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Восеъ 38, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият таҳти феҳристи №5ИИМ-50 аз 19.11.2014 ба номи ҶДММ "Тоҷикистон" бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Рӯдакӣ 204-В, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси Шарипова Шоиста, РЯМ: 0730109399, РМА: 075156324, ки аз 09.03.2015 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун, ки аз тарафи Идораи 3-юми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе (ҳозира ноҳияи Синои шаҳри Душанбе) аз 17-уми марти соли 1994 таҳти феҳрасти №74 ба номи Усмонов Муҳаммадали Уктамович нисбати манзили истиқоматӣ воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Лермонтов, хонаи 218 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дараҷаи Б №0714370, рақами қайд №19828, аз 10.06.2009 ба номи Шарипов Дилшод, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Дарёобод, ҷамоати деҳоти Зайнабобод, Корхонаи давлатии фаръии "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" эътибор надорад.

► Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин аз 10.06.2009 ба номи Шарипов Ҳусейн, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Дарёобод, ҷамоати деҳоти Зайнабобод, Корхонаи давлатии фаръии "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" эътибор надорад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Якубов Мансур Чупонович, РЯМ: 0730204943, РМА: 075025807, ки аз 01.01.2020 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ, РЯМ: 0730209178, РМА: 076631604, ки аз 07.01.2021 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ Аминова Мавчуда Аличоновна, РЯМ: 0730156862, РМА: 075288637, ки аз 04.12.2017 дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино шаҳри Душанбе аз 24-уми октябри соли 2011, таҳти феҳрасти №7М-455 ба номи Раҳмонқулова Мисқол нисбати манзили истиқоматӣ воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Испечак, хонаи 32 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба моликият таҳти феҳристи №5ИИМ-4 аз 11.02.2005 ба номи ҶДММ "Тоҷикистон", бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Рӯдакӣ 204-В, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ААИ U04-011734, аз 01.09.2020 ба номи ҶДММ "Варзиш Мол", ки аз ҷониби Кумитаи андози ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ «Истаравшан Сохтмон», №0281832, РЯМ: 0110026052, РМА: 010102274 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ «Миларго Глобал», №0281194, РЯМ: 0410034121, РМА: 040055885 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ДАЪВАТ БА ОЗМУН

Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика" бо дастгирии Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ барои гузаронидани машғулияти омӯзишӣ барои дар амал истифодабарии барномаи Excel, машғулияти омӯзишӣ оид ба масъалаҳои иммунизатсия, натиҷаҳои бадастомада ва баррасӣ намудани чорабиниҳои дарпешистодаи соҳаи иммунопрофилактика, машғулияти омузишӣ вобаста ба коркард намудани нақшаи чорабиниҳои татбиқи самараноки идоракунии ваксинаҳо ва гузаронидани мониторинги дастгирии масъалаҳои иммунопрофилактика (дастгирии сарпарастӣ) байни кормандони тиббии шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба харидории маводҳои дарсӣ, зарурӣ, сӯзишворӣ, чопкунӣ, таъмин намудан бо танаффуси қаҳвонӯшӣ ва хӯроки нисфирӯзӣ пешбинӣ гардидааст. Ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерӣ довталабонро даъват менамояд.

Довталабон метавонанд маълумоти пурраро тавассути сомонаи Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика" (https://immunizatsia.tj), кӯчаи Шероз-8 ё бо рақами телефонии 227-71-92 дастрас намоянд.

Барои иштирок дар озмун довталабон бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:

1. Шаҳодатнома.

2. Иқтибос.

3. Пешниҳоди тендерӣ, муҳлати молрасонӣ ва иҷрои кор.

4. Нусхаи иҷозатномаҳо барои амалисозии навъҳои фаъолият.

5. Маълумотномаи нозироти андози макони қайди иштирокчии тендер, ки набудани қарзҳои батаъхирафтодаро оид ба пардохтҳо ба буҷетҳои ҳамаи сатҳ ва фондҳои ғайрибуҷетӣ тасдиқ мекунад ва на дертар аз 3 моҳ то баохиррасии муҳлати додани дархост барои иштирок дар тендери мазкур дода шудааст.

Дархостҳо дар лифофаҳои муҳргузошта бояд то санаи 11-уми ноябри соли 2023 ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шероз-8 пешниҳод карда шаванд.

ОЗМУН САНАИ 13-УМИ НОЯБРИ СОЛИ 2023 СОАТИ 9:30 ДАР ТОЛОРИ МАҶЛИСГОҲИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ "МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИММУНОПРОФИЛАКТИКА" БАРГУЗОР МЕГАРДАД.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Project Coordinator (HIV/AIDS project), Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 14232/NPSA-10); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 20 November 2023 NY time.**
- **Project Coordinator (TB project), Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 14227/NPSA-10; Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 22 November 2023 NY time.**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

«ТАМҒАИ ПИСАНДИДАИ ТОҶИКИСТОН-2023»

(Аввалаш дар саҳ.9)

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Назар ба оянда” насиби тамғаи “Покиза” гашт.



“Покиза”- яке аз тамғаҳои хеле маъруф дар бозори маҳсулоти гӯштии Тоҷикистон мебошад. Корхона дар фаъолияти худ навгониҳои ҷаҳони муосир ва анъанаҳои мардумиро оқилона истифода бурда, барои боз ҳам инкишоф додани соҳаи коркарди гӯшт технологияҳои пешқадам ва таҷҳизоти замонавиро истифода мебарад. Ширкат маблағи зиёде сарф мекунад, то ки маҳсулоти хушсифатро ба истеъмолкунандагон пешкаш намояд. “

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Роҳ ба сӯйи муваффақият” насиби Тамғаи “ШОКОЛАТЬЕ” гашт



“ШОКОЛАТЬЕ”- сехи қаннодиест, ки мағозаи фирмавии худро дорад ва он ҷои фароғати мардум гардидааст. Хурду калон аз маззаи торту кулчақандҳои бомаззаи ин коргоҳ ҳаловат мебаранд. Доираи фаъолияти ин корхона торафт васеътар гашта, имрӯз қаннодиҳои “ШОКОЛАТЬЕ” дастархони чорабиниҳои гуногунро оро медиҳанд ва туҳфаи хуби лазиз ҳам ҳастанд!

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Навгонии сол” насиби тамғаи “Рамис”-ширкати “Сатурн-1” гашт.



Ширкати “Сатурн -1” ба истеҳсоли маводҳои шустушӯй ва хокаи ҷомашӯй бо тамғаи “Рамис” машғул буда, дар сегменти кимиёи маишӣ яке аз ширкатҳои пешрав ба шумор меравад. Айни замон ширкат зиёда аз 70 номгӯй маҳсулот истеҳсол менамояд. Тамоми маҳсулоти ин ширкат, махсусан гелҳои ҷомашӯиаш, ки ҳам барои шустани матоъҳои сафедранг ва ҳам сиёҳу ранга пешбинӣ шудааст, бо сифати олӣ ва банду басташ аз моли хориҷӣ камӣ надорад.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон” дар номинатсияи “Бренди мардумӣ” насиби GM Фарма гашт.

GM Фарма – корхонаи муосири фармасевтии дар олам машҳур - дар Тоҷикистон ҳам машҳур аст! GM Фарма- корхонаи муосири фармасевтие, ки дар он бо 250 шакл таҳти 150 тамға мувофиқи стандартҳои байналмилалиӣ доруворӣ истеҳсол мешавад! Аз соли 2008-ум, таи 15 сол дар кишвари мо намояндагии расмии ин ширкати бузург фаъолият мекунад. Мизоҷони сершумор аз маводи дорувориву маводҳои тиббии тамғаи GM Фарма васеъ истифода мебаранд.



Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Бо мурури вақт санҷидашуда” ҶСК “Афзали Суғд” таҳти тамғаи “Молочная радость” гашт.



Ширкати «Афзали Суғд» беш аз 25 сол мешавад, ки барои фароҳам овардани маҳсулоти хушсифати ширӣ дар рӯи дастархони мардуми тоҷик саҳми намоён мегузорад. “Афзали Суғд” бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз буда, зиёда аз 20 намуди маҳсулоти ширии табиирро ба харидорон пешкаш менамояд.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Ҳадаф ба сӯйи камолот” насиби шабакаи клиникаҳои тиббии “София” гашт



Муттахассисони баландихтисоси клиникаи Sofia хизматрасониҳои гуногуни тиббӣ ва зебоиро ба мизоҷон пешкаш менамоянд. Клиника ташхис ва табобати бемориҳои гуногунро бо усулҳои нави замонавӣ ба роҳ мондааст. Sofia дар соҳаи косметология, маҳс ва тахшису табобати бемориҳои гуногун аз қабили иллатҳои узвҳои зано-на-гинекология, эндокренология, гастроэнтерология, гепатология, невралгия, психологияи клинникӣ, дерматология, бемориҳои кӯдако-на-педиатрия ва ғайра таҷрибаи бой дорад.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Интихоби харидор” насиби ширкати "Кока-Кола Нушокиҳои Тоҷикистон" гашт.

Ин бренди машҳури ҷаҳонӣ аз соли 2015 пас аз ифтитоҳи филиали ширкати мазкур дар Тоҷикистон боз ҳам маъруфтар гашт. Имрӯз таҳти ин бренд нӯшокиҳои хушмаззаи Бонаква, Берн, Кока -Кола, Фанта ва Спрайт истеҳсол шуда, мақбули харидорони бешумор мегарданд. Ширкат танҳо бо як заводу 100 нафар кормандаш ба 9 миллион истеъмолкунандагони тоҷикистонӣ хизмат мерасонад.



Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Интихоби оилавӣ” насиби тамғаи “Слобода” гашт.



Муддати 30 сол боз “Слобода” истеъмолкунандагонро бо намудҳои гуногуни равғани растанӣ, майонез, кетчуп, соус ва ғайра таъмин менамояд. Маҳсулоти ин тамғаро маҳсулоти оилавӣ меноманд, зеро аз маводҳои табиӣ ва мутобиқ ба ГОСТ омода шуда, ба ҳама писанд аст. Майонези “Слобода” аз зардии тухми ҳақиқӣ тайёр шуда, барои ин ҳатто истеҳсолоти алоҳида вуҷуд дорад.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Муҳаррики тараққиёт” корхонаи истеҳсоли нӯшокиҳои “Сиёма” гашт.



Оби файзбори Сиёма асоси нӯшокиҳои хушлаззати корхонаи истеҳсоли нӯшокиҳои “СИЁМА” мебошад. Сеҳҳои он бо хатҳои замонавии истеҳсолӣ муҷаҳҳаз шудаанд, ки ба тамоми стандартҳои муосири байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд. Дар муддати хеле кутоҳ ба корхона муяссар гардид, ки дар истеҳсоли нӯшокиҳои гуногун дар бозори дохилӣ ва ҷаҳонӣ шуҳрат ёбад.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Дизайни хушсалиқа” насиби Тамғаи “Химус”-ҶДММ “Париноз” гашт.



Ширкати “Париноз” бо тамғаи “Химус” хеле ҷавон буда, соли 2021 таъсис ёфтааст, вале сарфи назар аз ин аллакай харидорони зиёде доштанро ба даст овардааст. Корхона бо навтарин хатҳои шишабандии стандарти олмонӣ муҷаҳҳаз мебошад. “Химус” 9 намуди маводи кимиёиви маишӣ, аз ҷумла воситаҳои ҷомашӯй, покшӯй, безараргардониву гигиениро ба харидорон пешниҳод менамояд, ки ҳар кадомашон тарҳи хеле зебо ва ороиши ҷолиб доранд.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Қадам ба сӯйи фардо” насиби тамғаи “Доро”-ҶДММ “Биотехсаноат”-и вилояти Хатлон гашт!



ҶДММ “Биотехсаноат” соли 2020 фаъолияти худро оғоз намуда, таҳти тамғаи “Доро” консерваҳои мевагиву сабзавотӣ, шарбату компот, повидлову мураббоҳои гуногунро пешниҳод мекунад. Маҳсулоти ин ширкат бидуни иловаҳо ва консервантҳо омода шуда, бехатариашонро бастабандии аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин менамояд.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Эътироф ва эътимод” насиби тамғаи “Файзи Расул”-и вилояти Суғд гашт.



“Файзи Расул” муддати 20 сол мешавад, ки ҳамчун истеҳсолкунандаи боэътимоди маҳсулоти гӯштӣ худро дар бозори истеъмолии мамлакат муаррифӣ кардааст. Маҳсулоти хати премиум бо тамғаи “Файзи Расул” ҳамеша серталаб аст, зеро истеъмолкунандагон онҳоро серғизо, иштиҳобахш ва бомазза меҳисобанд.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Шарики боэътимод” насиби ширкати “Спитамен Иншуренс” гашт.



ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" аз соли 2009 барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои суғуртавӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад. Баъд аз ду соли фаъолияташ ин ширкат аз рӯи ҳачми сармояи оинномавӣ дар ҷумҳурӣ мавқеи пешсафро ишғол намуд. Соли 2020 сармояи оинномавии ин ташкилот беш аз 90, 2 миллион сомониро ташкил дод, ки дар Тоҷикистон бузургтарин маҳсуб меёбад.

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Номгӯи васеъ” насиби тамғаи “Баракат”, аз ширкати “Оилаи Баракат” гашт.




“Оилаи Баракат” фаъолияти худро аз соли 2008 оғоз намуда, бозории муштариёни зиёдро ба даст овардааст. Дар айёми зиёд будани навъҳои муосири маҳсулот, барои ширкат -сифат омили асосии интихоб гардидааст. Маҷмӯи маҳсулоти ширкат ҳама чизро-аз шакару ғалладонагиҳо то попкорну писта ва ҳатто қаҳваҳои гуногунро дар бар мегирад. Маҳсулоти тамғаи «Баракат» ба хонаи шумо баракат меорад!

Ҷоизаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023” дар номинатсияи “Брендӣ мардумӣ” насиби ширкати «АНКО Инвест» гашт.



Тамғаи “Анко” натиҷаи талоши беҳтарин коршиносон барои эҷоди маҳсулоти баландсифат дар асоси технологияҳои муосир мебошад. Имрӯз маҳсулоти Анко –ин равғанҳои офтобпарасту пахта, тухмҳои парҳезиву ошӣ, намудҳои гуногуни орд мебошад.

Дар фарҷом мо тамоми ғолибони лоиҳаи “Тамғаи писандидаи Тоҷикистон-2023”-ро муборакбод гуфта, барояшон комёбиҳои нав ба навро орзу дорем.



Кирми бемор

Ҷавоне назди духтур омада, мегӯяд:

- Духтур, шумо кирмро табобат мекунед?

Духтур дар ҷавоб мегӯяд:

- Додар, шумо чӣ хӯрдед, ки ҳатто кирмҳоятонро бемор кардаед?

Ғолибият

Баъд аз даври дуюми занозанӣ боксчӣ аз тренери худ мепурсад:

- Ба фикратон, ман ба рақибам ғолиб меоям?

Тренер дар ҷавоб:

- Албатта! Агар ту ҳамин тавр даст афшондан гирӣ, рақибат шамол хӯрда, билохира бемор мешавад.

Паёмак

Омӯзгор ба толибилмон мегӯяд:

- Ҳангоми дарс телефонҳои худро хомӯш кунед!

Толибилмон бо як овоз:

- Муаллима, мо телефон наовардаем.



Омӯзгор бо табассум:

- Хеле хуб медонам, ки ба якдигар бо телефон паёмак мефиристед, зеро ягон нафар бехуда ба байни пойҳояш нигоҳ карда, худ ба худ намехандад.

Падарам гунаҳкор

Дар дармонгоҳи хусусӣ табиб беморero бо мақсади ҷавоб додан ба наздаш даъват мекунад:

- Мо тамоми кори аз дастамон меомадаро кардем, вале бемории шуморо пурра табобат карда натавонистем, беморӣ аз падаратон ба шумо мерос мондааст.

Бемор:

- Ин тавр бошад, пардохти пули беморхонаро аз падарам талаб намоед.

Дарди пой

Бемор дар назди табиб:

- Духтурҷон, кумакам кунед! Поямро табобат кунед.

Духтур:

- Поятон дард мекунад магар?

Бемор:

- Э напурсед, духтурчон, баъд аз анҷоми кор маро кашолакунон ба сӯйи майкада мебаранд.

Авлоди модар

Писарбачае аз падараш мепурсад:

- Дада, мо аз кучо пайдо шудем?

Падар мегӯяд:

- Моро Худованд офаридааст.

Писарбача боз мегӯяд:


- Модарам мегӯянд, ки мо аз маймун пайдо шудаем.

Падар дар ҷавоб:

- Модарат хешу табори худашро дар назар дорад, писарам.

Таҳияи Н.РАҶАБОВА

Сканворд





Ҷабрдидае, ки ҷаббор шуд

Дарси таърих. Муаллим ба донишҷӯён аз таърихи пайдоиши Созмони Милали Муттаҳид сухан ронда, гуфт:

- Бо ба итмом расидани Ҷанги дуюми ҷаҳон зарурияти ташкили як созмони умумичаҳонии қудратманде ба миён омад, ки тавонад ба чунин ҷангҳои бераҳмона роҳ надиҳад ва ҳуқуқу манфиатҳои ҳама давлатҳову миллатҳои ҷаҳонро ҳимоя кунад. Бо ҳамин ният 50 давлати дунё ҷамъ омада, СММ-ро таъсис доданд.

Донишҷӯе даст бардошта, пурсид:

- Устод. Нахустин коре, ки Созмони Милали Муттаҳид баъди ташкили худ анҷом дод, чӣ буд?

- Нахустин коре, ки СММ анҷом дод, яҳудиҳои аз чанголи фашистон наҷотёфтаро ҷамъоварӣ карда, барояшон дар қисми шарқии Баҳри Миёназамин давлатеро бо номи Исроил таъсис дод. Яъне, давлати имрӯзаи Исроил, ки яке аз нерӯмандтарин давлатҳои ҷаҳон ҳисобида мешавад, нахустмеваи СММ аст,- гуфт муаллим.

- Шумо гуфтанӣ, ки давлати Исроил нахустфарзанди СММ аст?,- пурсид донишҷӯ ва илова кард:

- Пас чаро ин фарзанд алъон ҳатто гапи падари худро гӯш намекунад?

- Чунки, дар Ҷанги дуюми ҷаҳон, ки аз тарафи Олмони фашистӣ оғоз ёфта буд, яҳудиҳо душвортарин марҳилаҳои ҳаётро аз сар гузаронида, дар зери ҷабру зулми сахти фашистон калон шуданд ва ин аст, ки бо мурури замон худ низ бераҳмтар аз фашистон шудаанд.

- Аҷаб муъҷизае, муаллим, хеле аҷаб,- гуфт донишҷӯ.

- Чӣ муъҷизае?,- пурсид муаллим бо кунҷковӣ.

Донишҷӯ гуфт:

- Бобои раҳматиям мегуфтанд, ки агар инсон зиёд ҷабр бинад, ба ҷаббор табдил меёбад. Нав ман фаҳмидам, ки чаро давлатдорони яҳудӣ ин қадар фашистмаоб шудаанд.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА